ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 1-2 (125-126) 12-УМИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 2020, ЧОРШАНБЕ

**ДАР ИН ШУМОРА:**

**ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ** с. 2

**ҲАМА БА ИНТИХОБОТ! БЕТАРАФ НАБОШ! ОВОЗ БИДЕҲ!** с. 3

**ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ҚАБУЛИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ** с. 6

**ВОХӮРИҲОИ СУДМАНДИ УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ БО АЪЗОИ КОМИССИЯҲОИ ИНТИХОБОТӢ** с. 8-9

**МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҲУҚУҚИ ИНТИХОБОТ** с.10

**ДЕМОКРАТИЯ – ҲОКИМИЯТИ ХАЛҚ** с. 11

**ЧЕЛОВЕК, ЕГО ПРАВА И СВОБОДЫ – ВЫСШАЯ ЦЕННОСТЬ** с. 13



**Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем.**

**Мо миллати фарҳангӣ, тамаддунсоз ва аз насли ориёӣ буда, бояд ба таърихи гузаштаамон ҳарчи бештар рӯ оварем ва дар қалби фарзандонамон меҳри китобхонӣ ва ҷустуҷӯи илму донишро ҷой кунем.**

**Ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ бо дарназардошти завқи наслҳои имрӯза аз муҳимтарин вазифаҳои мо дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Мо кӣ будани аҷдоду гузаштагони худро бояд донем, ба онҳо арҷ гузорем ва бо насли ориёӣ, яъне ориёитабор будани худ ифтихор кунем.**

**Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис: факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

Сармуҳаррир:
Эмомалӣ МИРАЛӢ
law.tnu.tj@gmail.com

Муовини сармуҳаррир: Ҳамза БОБОХОНЗОДА
Муҳаррир: Некрӯз САФАРЗОДА
Тарроҳ: Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А. профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т. мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С. муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Сулаймонов Ф. С. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М. котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Имомзода М. С. вазири маориф ва илми ҶТ, академики АИ ҶТ;
Хушвахтзода Қ.Х. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ректори ДМТ;
Тоҳиров Ф. Т. академики АИ ҶТ;
Маҳмудзода М. А. профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АИ ҶТ;
Насриддинзода Э. С. профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З. профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АИ ҶТ;
Диноршоев М. академики АИ ҶТ.

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 907-67-20-20, 939-25-98-28. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Миралӣ СОБИР

# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ





Боиси ифтихору сарбаландист, ки давоми солҳои Истиқлолияти давлатӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба як маркази бонуфузи омодасозии кадрҳои лаёқатманд ва ҳайати роҳбарикунанда табдил ёфтааст. Дастпарварони ин боргоҳи муқаддас имрӯз дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ кору фаъолият намуда, бароии пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ хизмати содиқонаву софдилона намуда истодаанд.

Мавриди зикри хос аст, ки бо дарназардошти таваҷҷуҳу ҳидоятҳои бевоситаи роҳбарияти олии сиёсии кишвар чандин устодони соҳибтаҷриба, донишманд ва унвону дараҷаҳои гуногуни илмидоштаи ин боргоҳи муқаддас ба вазифаву мансабҳои баландпоя пешбарӣ шудаанд.

Дар ҳамин радиф бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2020 таҳти №1425 собиқ ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон академик Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ ба вазифаи Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид. Ҳамзамон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2020 таҳти №52 доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин гардид.

Бо ин назардошт, садорат, ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ Вазири маориф ва илми ҶТ академик Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ ва ректори тозаинтихоби ДМТ Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахтро ба ифтихори таъин шуданашон ба ин мансабҳои баланд самимона табрику шодбош намуда, ба ҳар дуи онҳо тансиҳативу хушрӯӣ, саодатмандию пирӯзӣ ва бурдбориҳои беназирро дар иҷрои ин вазифаҳои пурмасъулият таманно дорад.

# ҲИМОЯИ РИСОЛАҲОИ ИЛМӢ ФАРХУНДА БОД!

Барои устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ мояи ифтихор ва сарфарозист, ки рӯз аз рӯз шумораи устодони унвондор дар ҳоли рушду инкишоф қарор дорад. Онҳо бо дарки масъулияти баланди касбӣ рисолаҳои илмии худро сарбаландона ҳимоя намуда, хазинаи илмии факултетро пурғановат менамоянд. Аз ҷумла, санаи 21 январи соли 2020 дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Сангинов Дониёр Шомаҳмадович рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санаи 7 феврали соли ҷорӣ докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич рисолаи доктории худро дар мавзӯи "Фаъолияти мақомоти прокуратураи Тоҷикистон дар шароити замони ҷанг (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ дар мисоли Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945.)» сарбаландона ҳимоя намуданд.





Дар ин радиф, таърихи 31 январи соли 2020 муаллими калони кафедраи ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ Қудбуддинов Фазлиддин Шарифович рисолаи номзадии худро таҳти унвони «Масъалаҳои шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути наклиёти роҳи оҳан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Шӯрои диссертатсионии миллии назди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ сарбаландона дифоъ намуд.

Аз ин лиҳоз, идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳи илму маърифат Сангинов Д.Ш., Муҳаммадиев И. С. ва Қудбуддинов Ф.Ш.-ро бо ин дастовардҳи арзишмандашон самимона табрик намуда, ба эшон камолоти муваффақона, рузгори хушу осуда ва дастовардҳои нав ба навро дар соҳаи илм таманно менамояд.

**Таҳияи Миралӣ СОБИРОВ**

# СЕМИНАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ

Бо ибтикори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ санаи 10 феврали соли 2020 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Инкишофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид.



Семинари илмӣ-назариявӣ бо сухани ифтитоҳии сардори раёсати илм ва навоварии техникии ДМТ, номзади илмҳои филологӣ, Наботӣ Рустам оғоз гардид. Мавсуф ҳузури муборакӣ ҳамаи иштирокчиёнро ба кори семинар хайрамақдам гуфта, ба кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ барои ташкил намудани чунин чорабинии илмӣ изҳори сипос намуданд. Эшон ибрз доштанд, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ФОҶ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми ҷораҳои давлатӣ-ҳуқуқии мубориза бар зидди ҷиноятҳорӣ ва шакли мустақили фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ба шумор меравад, ки барои амалисозии вазифаҳои сиёсати давлатӣ дар ин самт равона гардидааст.

Сипас муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ Абдулоев П.С. бо сухани муқаддимавӣ баромад намуда, ибрз намуд, ки инкишофи падидаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1993 оғоз гардид. Зеро аввалин маротиба Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳз 28 декабри соли 1993 таҳти № 923 қабул шуда буд.

Инчунин дар семинар олимон, мутахассисон, кормандони мақомоти давлатӣ, омӯзгорон, аспирантон, унвонҷӯён ва магистрон иштирок намуда, масъалаҳои рушд ва дурнамои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор доданд.

Доир ба мавзӯи семинар беш аз 14 маърӯза мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифт. Аз ҷумла, натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ, назорати прокурорӣ дар ФОҶ, проблемаҳои қонунгузории ФОҶ: мушкилот ва роҳҳои ҳал, эътирофи даҳлнопазирии манзил дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ғайра.

Зимни баррасии мавзӯъҳои зикргардида, аз ҷониби олимон ва мутахассисон пешниҳодҳо оид ба мукаммал намудани қонунгузории ҶТ ибрз карда шуд.

Дар охир, изҳори умед карда шуд, ки семинари мазкур дар инкишофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин қонунгузории соҳаи мазкур нақши босамари худро хоҳад гузошт.

**Таҳияи Азимҷон ҶУРАЕВ**

# ҲАМА БА ИНТИХОБОТ! БЕТАРАФ НАБОШ! ОВОЗ БИДЕҲ!

### – ОЁ МАН ҲУҚУҚИ ИНТИХОБ КАРДАН ДОРАМ?

- Бале, агар Шумо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошед ва то рӯзи интихобот синнатон ба 18 расида бошад, ҳуқуқи интихоб кардан доред.

### – ТО РӮЗИ ИНТИХОБОТ ЧӢ БОЯД КАРД?

- Маҳалли истиқомати Шумо ба участкаи дахлдори интихобот вобаста карда шудааст. Ба участкаи интихоботи маҳалли зист ҳозир шуда, бо рӯйхати интихобкунандагони участкаи интихобот шинос шавед. Дар рӯйхати интихобкунандагони участкаи интихобот насабу номи худро ёбед ва дуруст будани онҳоро санҷед. Агар насабу номатон дар рӯйхат набошад, ҳуҷҷатҳоеро, ки шахсият ва ҷои истиқомататонро муайян мекунад, пешниҳод намоед ва талаб кунед, ки шуморо ба рӯйхати интихобкунандагон дохил намояд.

### – КАЙ ВА ДАР КУҶО МАН БОЯД ОВОЗ ДИҲАМ?

- 1 марти соли 2020 аз соати 6-и субҳ то соати 20-и бегоҳ Шумо ҳуқуқ доред дар участкаи интихоботи маҳалли зист (масалан, дар бинои мактаби маҳалла) овоз диҳед. Комиссияи участкавии интихобот на дертар аз 10 рӯз то интихобот ба Шумо дар бораи ҷой ва вақти овоздиҳӣ хабар медиҳад.




### – ДАР РӮЗИ ОВОЗДИҲӢ МАН КАДОМ ҲУҶҶАТРО БОЯД БО ХУД ДОШТА БОШАМ?

- Дар рӯзи овоздиҳӣ бюллетени овоздиҳӣ ба шумо бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият (шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон (корти иденификатсионӣ), шиносномаи дипломатӣ, хизматӣ ва ё умумишаҳрвандии хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти хизматчии ҳарбӣ, шаҳодатномаи ронандагӣ, шаҳодатномаи хизматӣ, шаҳодатномаи иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва собиқадори меҳнат (шахсони ба онҳо баробаркардашуда), шаҳодатномаи маъюбӣ, билети донишҷӯ, ҳарбӣ) дода мешавад. Бе ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият бюллетен дода намешавад.

### – РОҲИ ДУРУСТИ ОВОЗДИҲӢ

- ба назди аъзои комиссияи участкавии интихобот рафта, ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро пешниҳод намоед;
- дар муқобили насабу номи худ дар рӯйхати интихобкунандагон имзо гузоред;
- узви комиссияи участкавии интихобот ба шумо ду бюллетени интихоботӣ медиҳад;
- ба кабинаи овоздиҳии пинҳонӣ дароед ва бовар ҳосил кунед, ки Шумо дар он ҷо танҳоед;
- бо мазмуни бюллетенҳои интихобот шинос шавед;
- дар бюллетенҳои интихобот дар квадрати холӣ, дар муқобили насаб, ном ва номи падари номзад ба вакили Маҷлиси намояндагон ва ҳизби сиёсие, ки мехоҳед ба тарафдороиаш овоз диҳед, аломати «+» гузоред;
- агар Шумо бар зидди ҳамаи номзадҳо ба вакили Маҷлиси намояндагон ва ё ҳизбҳои сиёсӣ овоз додани бошед, дар бюллетенҳои интихобот, дар квадрати холии сатри «муқобили хамаи номзадҳо» ва «муқобили рӯйхати ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ» аломати ҷамъ «+» гузоред;
- бюллетенҳои пуркардашударо ба қуттии интихоботӣ партоед.

### –ОЁ ПАДАРУ МОДАР, ЗАН Ё ШАВҲАРИ МАН Ё ЯГОН КАСИ ДИГАР МЕТАВОНАНД БА ҶОИ МАН ОВОЗ ДИҲАНД?

- Ҳаргиз не! Падару модар, зан ё шавҳари шумо, фарзандон ва ягон шахси дигар наметавонад ба ҷои шумо овоз диҳад.

### ҲАР ЯК ИНТИХОБКУНАНДА БОЯД ХУДАШ ОВОЗ ДИҲАД!







Абдураҳим ХОЛИҚЗОДА
д.и.х., профессор

# СОҲИБИХТИЁРИИ ХАЛҚӢ ВА ДАВЛАТӢ: ТАНОСУБИ ОЗОДИҲОИ БОТИНӢ ВА ЗОҲИРИИ ДАВЛАТ

## (БАХШИДА БА 25-СОЛГАРДИ КОНСТИТУТСИЯИ ТОҶИКИСТОН)

**Дигар омилҳо низ дар ҷараёни фурӯравии давлатҳо нақш доштаанд, вале омили ҷудо шудани халқ аз қудрат, дастгирӣ накардани омма аз соҳибони давр, паҳнои сарҳади давлатро ҳифз накардани халқ дар шакли афзоиши озодиҳои ботинии афрод дар муқобили ҳокимияти давлатӣ нуктаи ниҳоии парокандагии давлатҳо будааст, ки ибтидои худро аз сиёсати нодурусти озодиҳои ботинӣ ва зоҳирии давлат, дар шакли маҳдудияти ҳуқуқу озодиҳо ва худнамоию лашкаркашиҳои беҷо, ки ба шиддати тазодди миёни давлату мардум нерӯ медод, манша мегирифт.**

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**

Ин ҳолат, бахусус дар давронҳои буҳронии ҳаёти иқтисодии олам ва аланга гирифтани низоъҳои байнидавлатӣ, ҷангҳои ҷаҳонӣ ва ҷаҳонишавии манфиатҳои ҷудогона бо тобишҳои хосса сурат гирифтааст. Замони ҷаҳонишавии муосир ба ин раванд зери фишори манфиатҳо сӯистифодаи арзишҳои башариро ба таври қашангу зебо зам намудааст. Раванди мазкур ба зоти худ ҳодисаи нангин аст, ки ба заҳролуд намудани хӯришҳои инсонӣ шабоҳат дорад, зеро аслан заҳролудшавии арзишҳо ба назар мерасад.

Заҳролудшавии арзишҳо ба заҳрогин шудани тухмаи онҳо дар иҷтимоъ ва ҳуқуқ ба сони сӯистифода шудани падидаҳои бунёдии демократия озодии сухан, эътиқод, ҳуқуқҳои интихоботӣ ва дигар ҳаққҳои сиёсӣ асос гузошта дар умум ҷомеа ва давлатро аз бунёдашон ба фурӯравӣ маҳкум менамояд. Ин ҳолат ҳамроҳ бо мушаввашиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дигар ислоҳнопазир гашта, падидаҳои бо ном демократию либералӣ дигар ба онҳо кӯмак накарда, ногузир ҷомеаро ба табдили режим ва шаклҳои идора мекашанд, зеро:

**Агар байзаи зоғи**
**зулматсиришт,**
**Ниҳӣ зери товуси**
**боғи биҳишт.**
**Ба ҳангоми он байза**
**парварданаш,**
**Зи анҷири ҷаннат диҳӣ**
**арзанаш.**
**Диҳӣ обаш аз Чашмаи**
**Салсабил,**
**Бад-он байза дам гар**
**занад Ҷабраил.**
**Шавад оқибат байзаи**
**зоғ, зоғ,**
**Кашад ранҷи беҳуда**
**товуси боғ.**
**(Ҳотифӣ)**

Чунин пасманзар албатта, барои иддае аз кишварҳои бузурги манфиатҷӯй мутобиқи мақсад аст. Дар чунин ҳолати заҳролудшавии арзишҳо ҳама кӯшишу ғайратҳои роҳбарият ва ҳукуматҳои давлатҳои рӯ ба рушд дар кори дастрасӣ ба адлу инсоф ва ислоҳи вазъият бенатиҷа мемонанд, зеро ҳанӯз тухмаи дарахти шинондаи низоми идораро заҳрогин карда доир ба зебогӣ ва қашангии ин ниҳоли заҳролудшуда дастандаркорони бегонапарастро ҷиҳати парваришаш омода менамояд. Мардум ва авоми бехабар аз вазъият он лаҳза дарк намекунанд, ки:

**Дарахте, ки талх аст**
**ӯро сиришт,**
**Гараш барнишонӣ ба боғи**
**биҳишт.**
**В-ар аз ҷӯи хулдаш**
**ба ҳангоми об,**
**Ба беҳ ангубин резию**
**шаҳди ноб.**
**Саранҷом гавҳар ба**
**кор оварад,**
**Ҳамон меваи талх бор**
**оварад.**
**(Фирдавсӣ)**

Замони дарки талхии ҳосили ин дарахти заҳролудшуда барои мардуми ноогоҳ, мутаассифона, бештар аз як насли инсонист. Мисоли равшани инро мо дар иддае аз кишварҳои ҷангзадаи олам чи дар таърих ва чи дар замони муосир дида истодаем. Яъне дарк бояд кард, ки дар чунин ҳолатҳо танҳо халқу миллатҳое метавонанд истиқлоли давлатии худро ҳифз карда, аз ин найрангҳои авомфиребона халосӣ ёбанд, ки агар соҳибихтиёрии халқӣ ва давлатии худро ҳамқадам бо озодиҳои ботинӣ ва зоҳириашон дар хизмати ҳадафҳои стратегии миллат вогузор намуда, ҳад ва паҳнои озодиҳои дохилӣ ва зоҳириро дар паҳнои Конститутсияи кишвар ва қонунҳои амалкунанда устувор нигоҳ дошта, ба зиёдаравии якҷонибаи кашишҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ба манфиатҳои ҷудогона созгор кашида нашаванд. Дар ин ҷода боз омилҳои муайнкунандаи дигар ба сони роҳбари хирадманд, муттаҳидии халқ атрофи он, сатҳи саводу дониши саросарии мардум низ тариқи худ таъсир доранд.

Инак, чун мо мебинем ва дарк менамоем, ки озодшавии аз ҳад зиёди усулҳои ташкили идора (як навъи либерализатсияи сиёсӣ) дар ҳамбастагӣ бо ҳуқуқҳои бесарҳади шахсӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд бидуни ба инобатгирии таърихи чандҳазорсолаи фарҳангии халқу миллатҳо ва соҳибихтиёрии давлатии онҳо тимсоли модели ғарбӣ бо усули иҷборӣ ба ҷуз ҳолати ноамнӣ ва фитнаю ҷангҳои шаҳрвандӣ, ки саодати мардумро хору залил намудааст, дигар ҳеҷ оромие барои онҳо намеорад, дар бораи кадом намунаи муваффақ ҳарф мезанем.

Ин ҳолат бо интиқоли иҷбории арзишҳо ва ташкили инқилобҳои ранга тақдири бузургтарин арзиши башарӣ - демократияро ҳамсон бо соҳибихтиёрии халқӣ ва давлатии халқу миллатҳо дар ҳолати ногувор қарор додааст.

Дар чунин шароит моро, ҳам мақоми қонунбарор, ҳам мақоми идораи давлатӣ, аҳзоби сиёсӣ ва ҳам шаҳрвандони озодидӯстро зарур аст, ки дар кори пешгирӣ аз ин харҷу марҷи фикрӣ ва бадбахтиҳои эҳтимолӣ талаботи моддаҳои 6, 8, 10, 12 ва 100 Конститутсияро чун сипари устувори ҳуқуқӣ ва маънавӣ дуруст дарк, ҳазм ва татбиқ намоем. Яъне давои ин дарди сироятиро Конститусияи мо дорад ва танҳо зарур аст, ки онро дар ҳолати зарурӣ бамаврид ва мақсаднок ба роҳбарӣ гирем.

Сониян, дар қиболи ҳодисаҳои нангини ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойи таъкид ҳаст, ки ин ҳама тарафкашию майдоншиниҳои миллатҳо ва ҳангомаю хунрезиҳо зери парчами ҳуқуқу озодиҳо ва равандҳои демократикунонии дар конститутсияи ин кишварҳо тарҳрезишуда рух дода истодааст.

Мушкил он аст, ки нерӯҳои мухталифи муосири дохилию хориҷӣ, ки халқу миллатҳоро ба гирдоби чунин ҳодисаҳои нохуш гирифтор кардаанд, ба конститутсияҳои худ муносибати яктарафа намуда, озодиро дида, сарҳади онро гум кардаанд, ҳуқуқро қабул карда, вазифаро аз хотир баровардаанд, имкониялту афзалиятҳои фардиро эҳсос карда, дар ҳолати сархушии эҳсосотӣ масъулиятро назди бародарони худ, ҷомеа, миллат ва дирӯзу фардои миллаташон ба сони ҳикояти Мавлонои Балхӣ «якеро дидаю дигарро аз ёд баровардаанд».

Онҳо мисли Руссо ба демократия такя мезананд, вале сарҳади озодиро чун Руссо дидан намехоҳанд, думболи ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ монанди инқилобгарон ҳарф мезананд, аммо речаи қонуниятро нодида гирифта, панди Имоми Аъзам, Мотуридии Самарқандӣ, Абӯҳакими Самарқандиро роҷеъ ба афзалияти тобеият ба қонун ва қудратро дарк кардан намехоҳанд ва қудсияти озодиро дар тарозуи хирад, он тавре ки Кант масъалагузорӣ менамояд, гузоштан намехоҳанд (ниг. Кант И. Ответ на вопрос: что такое просвещение? Соч. в 4. т. Т 1.М., 1993. С. 131).

**(Идома дорад...)**



**Имрӯз рушди инкишофи давлатҳоро бидуни ҳамкорию ҳамгироӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин хотир давлатҳо вобаста ба манфиатҳои миллӣ вориди муносибатҳои гуногунҷабҳа гардида, ба ин васила соҳибҳуқуқии байналмилалии худро ба амал мебароранд. Дар ин самт асоси ҳуқуқии ҳамкориҳои байни давлат ва дигар субъектони ҳуқуқи байналмилалиро маҳз сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медиҳанд. Зеро амали меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ на бевосита, балки маҳз тавассути сарчашмаҳои ҳуқуқ ҳамчун шакли зоҳирии ифодаёбии меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ ба рафтори субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ таъсир мерасонанд.**



**Хуршед ҚОДИРҚУЛОВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ**

# МАҚОМИ ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Аксари олимон, дар мавриди сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба қисми 1 моддаи 38 Статути Суди байналмилалии СММ ишора менамоянд. Чунончи, дар қисми 1 моддаи 38 гуфта мешавад, ки суд ухдадор аст баҳсҳои ба он супоридашударо дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ баррасӣ намояд, аз ҷумла истифода мекунад аз:

- конвенсияи байналмилалии ҳам умумӣ ва ҳам махсус, ки қоидаҳоеро муқаррар мекунанд, ки аз тарафи давлатҳои баҳскунанда эътироф шудаанд;
- одатҳои байналмилалӣ ҳамчун далели амалияи умумӣ, ки ба сифати меъёри ҳуқуқӣ эътироф шудааст;
- принсипи умумии ҳуқуқ, ки аз тарафи миллатҳои мутамаддин эътироф шудаанд;
- бо қайду шарти муқарраршудаи моддаи 59, қарорҳои судӣ ва доктринаҳои мутахассисони баландихтисоси ҳуқуқи байналмилалии умумӣ аз миллатҳои гуногун ба ҳайси воситаи ёрирасон барои муайян кардани меъёри ҳуқуқ.

Тавре аз моддаи 38 Статути Суди байналмилалии СММ бармеояд, дар он сухан дар мавриди чунин санади муҳимми байналмилалӣ, ба монанди қарорҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ҷой надорад.

Чун сухан дар хусуси Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон меравад, бояд тазаккур дод, ки вай дар шакли резолютсия ё худ қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ № 217(III) аз 10 декабри соли 1948 қабул карда шуд. Ин санад бо роҳи консенсус бо ҷонибдории 48 давлат ва 8 давлат бетараф, ки аз овоз додан худдорӣ намуданд, қабул гардидааст. Бори нахуст Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон низоми ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро ба ҳуқуқи фитрии инсон, сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҷудо намуд.

Дар муқаддимаи ин Эъломия гуфта шудааст, ки давлатҳои узв ухдадоранд ба эҳтироми риояи воқеии ҳуқуқи башар ва озодиҳои асосӣ бо СММ ҳамкорӣ намоянд. Ин мазмуни онро дорад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бо қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон вазифаи эҳтироми шаъну шарафи инсон, доштани ҳуқуқи баробар бидуни ҳеҷ як тафовут, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз ғуломӣ, озодии сухан, виҷдон, адолат ва сулҳ дар ҷаҳон ҳамчун ҳадафи аслӣ эътироф менамояд.

Дарк намудани моҳияти ин санади муҳимми байналмилалӣ муайян намудани аҳамияти сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва ҷойгоҳи онро дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ ва низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ тақозо менамояд.

Худи вожаи "Эъломия" (декларатсия) аз калимаи лотинии "declaration" гирифта шуда, маънояш эълон кардан, изҳорот мебошад». Ин вожа ба мазмуни ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун санади сиёсӣ-ҳуқуқии байналмилалие мебошад, ки аз номи давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ қабул карда мешавад. Аксари муҳаққиқон, ки ба он олими ватанӣ Раҷабов С.А. низ шомил мебошад, бар он ақида ҳастанд, ки "....эъломия характери тавсиявӣ дорад ва иҷрои он барои субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ ҳатмӣ нест". Дар ин росто М.А. Сарсембаев санади байналхалқӣ эътироф кардани «эъломия»-ро ҷонибдор аст ва мавқеи худро чунин иброз медорад: «Эъломия санади ҳуқуқи байналхалқӣ аст, ки дар он асосҳо (принсипҳо) таҷассум ёфтаанд. Эъломия аз нигоҳи мазмун дорои хусусияти ҳатмӣ набуда, вале чун тавсия ва таманно истифода мешавад. Эъломия ҳамчун ҳуҷҷати байналмилалӣ мавқеи кишварҳоро дар муносибат бо ин ё он проблемаҳои байналмилалӣ ифода месозад».

Нуқтаеро бояд зикр кард, ки пас аз қабули Оинномаи СММ ва Статути Суди байналмилалии СММ дар ҷаҳон дигаргуниҳои куллӣ дар иртибот бо густариш ёфтани муносибатҳои байналмилалӣ ба вуқӯъ пайваст. Он замон созмонҳои байналмилалӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ чандон нуфуз надоштанд. Инак, имрӯз созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ пазируфта шуда, дар олами муосир нақши назаррасро касб намуданд. Аз ин хотир қарорҳое, ки дар доираи созмонҳои байналмилалӣ аз ҷониби давлатҳо қабул мешаванд, хусусиятҳои ба худ хос доранд.

Айни замон дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба табиати ҳуқуқии резолютсия ё қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ баҳси доманадор идома дорад. Тибқи як қатор сарчашмаҳо олимон бар он андешанд, ки қатъномаҳои Ассамблеяи Генералии СММ сарчашмаи мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Дар ин замина гурӯҳи дигар олимон бар он ақидаанд, ки ин навъи қатъномаҳо ба сифати шартномаҳои байналмилалие, ки ба тариқи соддакардашуда баста шудааст, бояд арзёбӣ шаванд.

Лозим ба таъкид аст, ки аз нигоҳи табиати ҳуқуқӣ қарорҳои созмонҳои байналмилалӣ якранг намебошанд. Таҳлили маъхазҳои таълимӣ ва илмиро баррасӣ намуда, қарорҳои ташкилотҳои байналмилалиро вобаста ба ҷойгоҳ ва табиати ҳуқуқӣ ба чанд навъ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Қарори созмонҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои расмиёт ва техникӣ. Онҳо барои кишварҳои узв қоидаҳое муқаррар менамоянд, ки танзимкунандаи масоили марбут ба расмиёт ва техникӣ мебошад. Масалан, қоидаҳои расмиёти фаъолияти Ассамблеяи Генералии СММ, ки баҳри иҷрои талаботи моддаи 21 Оинномаи СММ қабул шудааст.

2. Қарорҳои СММ оид ба проблемаҳои умумӣ ва умдаи ҳуқуқи байналмилалӣ. Ин санадҳои ҳуқуқи байналмилие мебошад, ки баҳри факти тасдиқ ва таҳкими принсипҳои бунёдӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии муосир равона карда шудаанд. Онҳо ба самтҳои мухталиф ва муҳимми байналмилалӣ бахшида шудаанд. Масалан, дар соҳаи ҳимояи байналмилалии ҳуқуқи инсон ин Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон;

3. Қарори Шӯрои Амнияти СММ, ки баҳри иҷрои ухдадориҳои дар бобҳои VI, VII, VIII, XII Оинномаи СММ пешбинӣ гаштааст, қабул карда мешаванд. Вобаста ба ин он қарор ё худ қатъномаҳое, ки аз номи давлатҳо узв тибқи моддаҳои 24, 25 Оиномаҳои СММ баҳри нигоҳ доштани сулҳу амнияти байналмилалӣ қабул карда мешаванд, хислати ҳатмӣ доранд.

4. Қарорҳои СММ, ки хислати тавсиявӣ доранд. Сухан дар хусуси резолютсия ё худ қатъномаҳои Ассамблеяи Генералии СММ мераванд, ки тибқи боби IV Оинномаи СММ қабул карда мешаванд. Тибқи моддаи 13 Оинномаи СММ ин навъи қарорҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти байналмилалӣ: сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғ. қабул мешаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷараёни умумии ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ қарорҳои созмонҳои байналмилалӣ нақши муҳим касб намудаанд. Инак, дар амалия ҳолатҳое ҷой доранд, ки Суди байналмилалии СММ ҳамчун далели мавҷуд будани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба Эъломия иқтибос овардаанд. Чунончи, дар қарор баррасии парвандаи "Никарагуа муқобили ИМА" Суди байналмилалии СММ ба Эъломия "Дар бораи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ» аз 24 октябри соли 1970 барои тасдиқи оне ки амалҳои ИМА хилофи принсипе, ки истифодаи қувваро манъ менамояд, истинод оварда буд. Бояд тазаккур дод, ки Эъломия «Дар бораи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ доир ба ҳамкориҳо ва муносибатҳои дӯстонаи байни давлатҳо мувофиқ ба Оиннномаи СММ» аз 24 октябри соли 1970 баҳри такмил ва тафсири Оинномаи СММ қабул гардида, ин гуна резолютсияҳо қисми таркибии ҷараёни шартномавии меъёрэҷодкунӣ мебошад.

Ё худ дар амалия ҳолатҳое вомехуранд, ки Ассамблеяи Генералии СММ қатънома қабул намуда, аз кишварҳо риоя кардани онро талаб менамояд. Чунончи, 28 ноябри соли 1988 Қатъномаи №43/45 "Оид ба амалигардонии Эъломия дар бораи пешниҳод намудани мустақилият ба халқу кишварҳои мустамлика" қабул намуда, дар он гуфта мешавад:" ... тамоми давлатҳо бо мақсади софдилона ва бечунучаро риояи кардани Эъломия дар бораи пешниҳоди мустақилият ба халқу кишварҳои мустамликавӣ ва принсипҳои бунёдии Эъломияи умумии ҳуқуқи башар " бояд тамоми тадбирҳои заруриро андешанд.

Дар ин ҳошия Эъломияҳоеро ҷудо намудан мумкин аст, ки дар шакли резолютсия қабул гардида, як навъ шакли ҳамкории давлатҳоро муайян месозад. Агар умқан ба ин масъала назар афканем мебинем, ки ин навъи қатъномаҳо дар байни дигар қарорҳои созмонҳои байналмилалӣ мақоми хоса доранд. Ба зумраи он Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз соли 10 декабри соли 1948 ва Эъломия «Дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъизи нажодӣ", ки дар шакли қатъномаи қабул гардидаанд, маҳсуб меёбад. Аз ин ҷост, ки соли 1963 Эъломия «Дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъизи нажодӣ" қабул гардид, ки он аз давлатҳо бекор кардани қонуну қоидаҳоеро, ки табъизи нажодиро муқаррар менамоянд, талаб намуд. Пасон дар замина ва баҳри таҳкими Эъломия Конвенсия "Дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъизи нажодӣ" аз 21 декабри соли 1965 қабул гардид.

Ҳамзамон бояд эътироф намоем, ки Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз нигоҳи табиати ҳуқуқӣ ва мазмун нахустин санадҳои бунёдии ҳуқуқи инсон маҳсуб ёфта, дар шакли қатънома аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид қабул гардида, хислати универсалӣ дорад. Аҳаммияти таърихию ҳуқуқии Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар ҷаҳони муосир дар он ифода меёбад, ки он ба ҳайси заминаи ҳуқуқии зиёда аз 80 санадҳои муҳимми ҳуқуқи байналмилалӣ баромад менамояд. Масалан, дар муқаддимаи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи сиёсӣ ва шаҳрвандӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳагӣ аз соли 1966 ва ғайра қайд шудааст, ки онҳо бо назардошти Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, эҳтиром ба ҳуқуқу озодии инсон ва таъмини он нигаронида шудаанд. Бо чунин назардошт Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ҳамчун санади таърихӣ дар таъмину инкишофи ҳуқуқ ва озодиҳои асоси инсон хизмати арзанда намудааст.

Дигар ин ки Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон заминаи ҳуқуқии пайдоиш ва ташаккули яке аз принсипҳои бунёдии ҳуқуқи байналмилалӣ принсипи эҳтироми ҳуқуқ ва озодии асосии инсон мебошад. Ҳарчанд принсипи фавқуззикр баъди қабул гаштани Санади хотимавии Машваратии сарони давлатҳо доир ба амнияту ҳамкориҳо дар Аврупо аз 1 августи соли 1975 бо тариқи расмӣ пазируфта шуда бошад ҳам, аммо заминаи ҳуқуқии онро маҳз Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон гузоштааст.

Аз ин ҷо бармеояд, ки Эъломия умумии ҳуқуқи инсон дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ нақши хос дорад. Бинобар ин, иқтибос ба Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар фаҳмиши оне ки ягон оқибатҳои ҳуқуқиро ба бор намеорад баҳснок мебошад.

Ҳамин тавр, дар заминаи гуфтаҳои боло масъалаи мазкурро чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст:

- якум, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон бо созиши тарафҳо қабул гардида ва аз ҷониби умум эътироф шудааст;
- дуюм, маҳсули иродаи давлатҳо мебошад;
- сеюм, стандарти байналхалқиро дар ҷодаи низоми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон гузошт, ки ҳар як субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ дар санадҳои меёри ҳуқуқии худ ба он такя мекунанд. Зеро дар муқаддимаи ин Эъломия гуфта шудааст, ки давлатҳои узв ухдадоранд ба эҳтироми риояи воқеии ҳуқуқи башар ва озодиҳои асосӣ бо СММ ҳамкорӣ намоянд.
- чорум, заминаи қабул гардидани як силсила санадҳои муҳимми байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон баромад менамояд.

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ҚАБУЛИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ



**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА**
**мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон**

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқие мебошад, ки он дар ҳаёти давлатӣ-ҳуқуқии мамлакат, бахусус баланд гардонидани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолии кишвар, таъмини адолати иҷтимоӣ, волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, таҳкими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушду нумӯи қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таҳкими Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ, мудофиаи мамлакат, сиҳатии аҳолӣ ва дар маҷмӯъ, рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши муҳим мегузорад.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмил ва рушду нумӯи қонунгузории мамлакат таклифу пешниҳодҳои судманди қонунгузорӣ манзур менамоянд. Маҳз таклифу пешниҳодҳои қонунгузории Президенти кишвар зимни ироаи паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ боис мегарданд, ки аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва ҳуқуқэҷодкунанда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳо, фармонҳо ва ғайра таҳия ва тасдиқу қабул карда мешаванд. Ба қонунгузории амалкунандаи кишвар тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд ва дар ин замина низоми қонунгузории ҷумҳурӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ устувору мукаммал ва рушд менамояд. Аз ҷумла, дар Паём ба Маҷлиси Олӣ аз 26-уми декабри соли 2018 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар масъалаҳои муҳимму умдаи ҳаёти мамлакат, мушкилотҳои ҷойдошта, инчунин оид ба риояи қонунгузорӣ, таҷдиди назар, такмил ва дар таҳрири нав таҳия ва қабул намудани чанде аз қонунгузории кишварро масъалагузорӣ намуданд. Чунончи, Сарвари давлат дар ҳамин Паём барои бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ва таъмини самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ ба Ҳукумати кишвар супориш доданд, ки дар соли 2019 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ»-ро таҳия ва пешниҳод намоянд.

Дар натиҷа, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» ҷиҳати иҷрои нақша-чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паём, ки аз 26-уми декабри соли 2018 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷӣ» таъкид гардида буданд таҳия шуда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2019, таҳти № 587 барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Мақсади лоиҳаи Қонуни мазкур аз баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, сатҳи сифат ва дастрас будани хизматҳое, ки ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо расонида мешаванд, сода гардонидани қоидаҳо ва кам кардани муҳлатҳои хизматрасониҳо, инчунин кам кардани (коҳиш додани) хароҷоти маъмурӣ, ки ба хизматрасонии давлатӣ мансубанд ва ташаккули низоми ягонаи табодули иттилоотӣ бо истифода аз захираҳои иттилоотии электронӣ ва пайвастшавии доимӣ ба низом ва шабакаҳои маҳдуди баҳисобгирии алоқаи ҳамаи истифодабарандагон иборат мебошад.

Айни ҳол лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» дар баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва он асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии хизматрасониҳои давлатиро муайян намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқии ба хизматрасониҳои давлатӣ машғулбуда, инчунин гирандагони хизматрасониҳои давлатиро танзим менамояд.

Дар Паём (26-уми декабри соли 2018) баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмин намудани волоияти қонун дар мамлакат арзёбӣ гардид. Аз ин лиҳоз, Роҳбари давлат бинобар ба охир расидани муҳлати Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон барои солҳои 2009–2019, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми апрели соли 2009, таҳти №253 дар заминаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз 25-уми апрели соли 2008 қабул гардида буд, зарур шумориданд, ки барои даҳсолаи минбаъда барномаи нав таҳия ва қабул карда шавад.

Дар натиҷа, ҷиҳати иҷро намудани талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз 26-уми декабри соли 2018, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» 27-уми ноябри соли 2019, таҳти №599 тасдиқ гардид, ки мақсади асосии ин Барнома риояи Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, таъмини дастрасии тарзу усулҳои қонунии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тарғиби арзишҳои демократӣ, дарк намудани ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, таъмини иштироки фаъоли аҳолӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон ва муносибати эҳтиромона бо он ва ғайра иборат мебошад.

Ҳамчунин, дар Паём (26-уми декабри соли 2018) Президенти кишвар бо дарназардошти он, ки муҳлати татбиқи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 ба анҷом расид, лозим донистанд, ки барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ таҳия гардида, дар доираи он сохтор ва фаъолияти мақомоти судӣ такмил дода шавад ва ҷиҳати баррасии босифату саривақтии парвандаҳо ва иҷрои санадҳои қабулнамудаи мақомоти судӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд. Дар робита бо ин, Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Вазорати адлия ва Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор гардиданд, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқиро барои солҳои 2019-2021 таҳия ва пешниҳод намоянд.

Ҳамин тариқ, дар заминаи Паёми зикргардида, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми апрели соли 2019, таҳти № 1242 «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» тасдиқ гардид. Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 идомаи барномаҳои пешинаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон буда, мақсад ва вазифаҳои он аз такмили сохтор ва таҳкими фаъолияти судҳо ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилотҳо, қонунияту адолат, назорати иҷрои саривақтии санадҳои судӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии кори судҳо, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, инчунин такмили қонунгузорӣ дар ин самт иборат мебошад.

Дар ин Паём Президенти мамлакат ба Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш доданд, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати адлияи мамлакат ҷиҳати такмили заминаҳои ҳуқуқии пешгирӣ кардани экстремизм ва таҳияи тарзу усулҳои муосири муқовимат бо ин зуҳурот дар муҳлати се моҳ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм»-ро таҳия ва ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намоянд.

Ҳамин тариқ, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ҷиҳати иҷрои талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз 26-уми декабри соли 2018 таҳия гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми июни соли 2019, таҳти №318 барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Қобили қайд аст, ки Қонуни қаблии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» ҳанӯз 8-уми декабри соли 2003 қабул шуда буд, бо дарназардошти афзоиши хатари экстремизм дар ҷаҳони муосир зарурати таҳияи тарзу усулҳои нави муқовимат ба ин зуҳуроти номатлуб ба миён омад.

Дар натиҷа, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» 28-уми ноябри соли 2019 аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардид. Ва он тибқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсияи мамлакат 2-юми январи соли 2020 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардида, пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор гирифт. Қонуни мазкур дар пурзӯр намудани муқовимат ба экстремизм, бахри ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2019 низ як қатор таклифу пешниҳодҳои судманди қонунгузорӣ манзур намуданд. Аз ҷумла, Сарвари давлат бо мақсади тақвият бахшидани заминаҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди терроризм, бахри таъмини амнияти давлату ҷомеа, таҳкими ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи минбаъдаи манфиатҳои ҷавонон, ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар, соҳибкасб намудани аҳолии мамлакат масъалаи дар таҳрири нав таҳия намудани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2030, инчунин таҳияи барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамӣ, барномаи рушди содирот барои солҳои 2021-2025, барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба чанде аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъкид намуданд ва бахри таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ вазифадор гардиданд.

Хуллас, нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар ҳамчун санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ, дар рушду инкишофи қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар мамлакат хеле бузург мебошанд. Зеро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи паёмҳои ҳарсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу пешниҳодҳои судманди қонунгузорӣ манзур кардаанд, ки дар асос ва бахри иҷрои талаботи онҳо санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд ва қабул карда мешаванд, инчунин ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид мегарданд, ки онҳо бешубҳа барои беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакат, таҳкими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, сиҳатии аҳолӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ, амнияти миллату давлат, волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ ва рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мусоидат мекунанд.

# ТАШВИҚОТИ ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ

Яке аз падидаҳое, ки шаҳрвандон тавассути он иродаи худро амалӣ месозанд, интихобот аст. Иштирок дар интихобот ва ҳуқуқҳои интихоботии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоркунии шаҳрак ва деҳот» ва санадҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, пешбинӣ гардидаанд. Инчунин аз ҷониби Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоидаҳои гузаронидани ташвиқоти пешазинтихоботии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳизбҳои сиёсӣ, ки рӯйхати номзадҳоро пешниҳод намудаанд, қабул гарданд, ки дар айни ҳол, баъзе аз масъалаҳои ташвиқоти пешазинтихоботиро пешбинӣ менамояд. Дар моддаи 6-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки ифодаи олии иродаи халқ интихобот ва раъйпурсӣ мебошад. Яъне, кафили асосии иштироки шаҳрвандон дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ Конститутсия ба ҳисоб рафта, бо мавҷудияти қонунҳои дигар дар ин самт ин ҳуқуқи конститутсионӣ таҳким меёбад.



**Моистон АЗИЗОВА**
**аъзои Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Баргузор намудани интихобот аз чанд давра иборат аст ва яке аз марҳилаҳои муҳим дар баргузор намудани интихобот марҳилаи ташвиқоти пешазинтихоботӣ ба ҳисоб рафта, бо қонунгузории интихоботӣ кафолат дода шудааст. Ташвиқоти пешазинтихоботӣ усули демократӣ, шаффоф, озод ва дар асоси баробарӣ гузаронидани интихобот маҳсуб меёбад. Ташвиқоти пешазинтихоботӣ воситаи асосии муаррифии номзадҳо ба вакилӣ мебошад. Яъне, бо тарзи ошкоро, шифоҳӣ ва чопӣ ҷалб намудани таваҷҷуҳи интихобкунандагонро оид ба шахси интихобшаванда фаро мегирад.

## ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚӢ

Асоси ҳуқуқии баргузор намудани ташвиқоти пешазинтихоботиро Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ташкил медиҳад. Тибқи моддаи 39 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» давлат ба шаҳрвандон, номзадҳо, ҳизбҳои сиёсӣ дар вақти гузаронидани интихобот шароити бемамониат ташвиқот бурданро фароҳам оварад. Яъне давлат кафолати гузаронидани ташвиқоти пешазинтихоботии баробарро ҳам барои шаҳрвандон, ҳам барои номзадҳо ва ҳам барои ҳизбҳои сиёсӣ муҳайё месозад.

Аз таҳлили моддаи 39 Қонуни конститутсионии мазкур бар меояд, ки ташвиқоти пешазинтихоботӣ масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Номзадҳо, шаҳрвандон ва ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд барномаҳои пешазинтихоботиро пешниҳод намоянд ва ташвиқоти онҳо аз ҷониби шаҳрвандон, номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ карда мешавад. Албатта, ҳар як ҳизби сиёсӣ ва ё номзаде, ки ба қайд гирифта шудааст, барномаи пешазинтихоботии худро доро мебошад, ки тавассути ташвиқоти он метавонад боварии мардумро ба даст оварда, дар раванди овоз додан таваҷҷуҳи ҷомеаро ба худ ҷалб созад. Дар барномаҳои пешазинтихоботӣ асосан ҳадафу мақсадҳои номзадҳо пешбинӣ мегардад, ки баъди ба даст овардани курсиҳо дар парламент метавонанд онҳоро амалӣ созанд.

2. Сифатҳои сиёсӣ, корӣ ва шахсии номзадҳо ҳамчун ташвиқоти пешазинтихоботӣ ба интихобкунанадагон пешкаш карда мешавад. Ташвиқотчиён метавонанд ин хусусиятҳои номзадҳоро ба интихобкунандагон дар давраи ташвиқоти пешазинтихоботӣ мусбат ё манфӣ пешниҳод намоянд.

3. Барномаҳои пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун асоси ширкати онҳо дар интихобот ба шумор рафта, аз ин нигоҳ бо роҳи ташвиқот ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд интихобкунандагонро ба тарафдории худ ҷалб созанд. Тавре ки қайд намудем, ҳизбҳои сиёсие, ки фаъолияти қонунӣ доранд ва аз ҷониби Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, барномаҳои пешазинтихоботии худро доранд. Дар давраи ташвиқот онҳо мароми мақсадҳои худро дар барномаҳои пешазинтихоботӣ инъикос намуда, дастраси шаҳрвандон мегардонанд ва ба ин восита шаҳрвандон аз бароомаҳо, ҳадафу мақсадҳои ҳизбҳои сиёсӣ огоҳӣ пайдо намуда, ҳангоми овоз додан ба ҷонибдории номзадҳои ҳизби сиёсие, ки манфиатҳои шаҳрвандонро қонеъ намуда метавонанд, овоз медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки ташвиқоти пешазинтихоботӣ аз рӯзи бақайдгирии номзад (рӯйхати номзадҳо) оғоз гардида, як шабонарӯз пеш аз интихобот қатъ мегардад. Дар рӯзи овоздиҳӣ ташвиқот бурдан манъ мебошад.

## ТАШВИҚОТИ ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ ЧӢ ТАВР СУРАТ МЕГИРАД?

Лозим ба ёдоварист, ки моддаи 39 қонуни конститутсионии зикршуда, муқаррар намудааст, ки ташвиқоти пешазинтихоботӣ бо роҳҳои зерин сурат мегирад:

1) ташвиқоти пешазинтихоботӣ аз тариқи воситаҳои ахбори омма. Ташвиқот ба воситаи ВАО яке аз роҳҳои асосии рақобати ошкорои пешазинтихоботии номзадҳо мебошад, ки фаъолияти шаҳрвандонро равнақу ривоҷ медиҳад, онҳоро водор месозад, ки ба ҳаёти сиёсӣ майлу рағбат зоҳир намоянд. Ҳамзамон тамоми шаҳрвандон имконият пайдо менамоянд, ки аз барномаҳои пешазинтихоботӣ ва шахсияти номзадҳо бохабар гарданд.

Ба номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ барои истифодаи воситаҳои ахбори омма шароитҳои баробар кафолат дода мешавад. Аз ҷумла, ҳар як номзад ба вакилӣ аз ҳавзаи якмандата барои баромад аз тариқи радио ва телевизиони давлатӣ то 20 дақиқа, ҳар як ҳизби сиёсӣ то 40 дақиқа ба вақти эфири ройгон ҳуқуқ дорад.

2) гузаронидани маъракаҳои оммавӣ (маҷлисҳо ва вохӯриҳо бо шаҳрвандон, ташкили баҳсу мунозираҳо) роҳи дигари ташвиқот мебошад. Ба воситаи маҷлисҳо ташвиқбарандагон ба тарафдорӣ ё зидди ин ё он номзад муҳокимарониҳои ошкоро менамоянд. Дигар шакли маъракаҳои оммавӣ вохӯриҳо бо шаҳрвандон ва ташкили баҳсу мунозираҳо аст, ки барои гузаронидани ин вохӯриҳо Комиссияи интихобот якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, биноҳо ҷудо менамоянд, аз вақту маҳалли вохӯриҳо пешакӣ хабар медиҳанд ва дигар чорабиниҳои заруриро амалӣ намоянд.

3) нашр ва паҳн намудани маводи чопии ташвиқотӣ дигар роҳи ташвиқот маҳсуб мешавад. Ба маводи чопии ташвиқотӣ варақаҳо, брошюраҳо, плакатҳо, тақвимҳо, чопи тарҷумаи ҳол бо барномаи фишурдаи пешазинтихоботии номзад, буклетҳо дохил мешаванд.

4) Номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд мустақилона шаклҳо ва хусусияти ташвиқоти худро аз тариқи воситаҳои ахбори омма муайян намоянд. Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз субъектони ташвиқоти пешазинтихоботӣ шахсони боэътимод мебошанд. Онҳо ҳуқуқ доранд дар маҷлисҳои пешазинтихоботӣ, вохӯрӣ бо интихобкунандагон баромад кунанд ва дар баҳсу мунозираҳои пешазинтихоботӣ иштирок намоянд.

## ДАР ТАШВИҚОТИ ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ КИҲО ИШТИРОК КАРДА НАМЕТАВОНАНД?

Бояд қайд намуд, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташвиқоти пешазинтихоботӣ шахсони зерин ҳуқуқи иштирок карданро надоранд: аъзоёни комиссияҳои интихоботӣ, иттиҳодияҳои динӣ, судяҳо, ҳамчунин кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва мушоҳидони байналмилалӣ. Инчунин дар ташвиқоти пеш аз интихобот давлатҳои хориҷӣ, ташкилот ва шаҳрвандони онҳо, шахсоне, ки шаҳрвандӣ надоранд, созмонҳо ва ҳаракатҳои байналхалқӣ ширкат карда наметавонанд. Дар баробари ин, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар месозад, ки хабарнигорон, шахсони мансабдори идораҳои ВАО, ки онҳо номзад ва ё шахсони боэътимод мебошанд, наметавонанд дар инъикоси ташвиқоти пешазинтихоботӣ аз тариқи ин ВАО иштирок намоянд.



**Эмомалӣ МИРАЛӢ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, коршиноси КМИР ҶТ**

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки ташвиқоти пешазинтихоботӣ яке аз марҳилаҳои муҳим дар раванди интихобот ба шумор рафта, огаҳии шаҳрвандонро аз барномаҳои пешазинтихоботии номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ таъмин месозад. Ҳамзамон, дар ин раванд, шаҳрвандон аз ҳадафу маромҳои номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ огаҳӣ пайдо намуда, дар интихобот ба таври фаъолона иштирок менамоянд ва ба ҷонибдории ин ё он номзад ва ё ҳизби сиёсӣ овоз медиҳанд. Айни замон, номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ вазифадоранд, ки ташвиқоти пешазинтихоботиро дар асоси талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монанд.



# ВОХӮРИҲОИ СУДМАНДИ УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 4 декабри соли 2019, таҳти №1380 санаи 1 марти соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва интихоботи вакилони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот баргузор мегардад.

Бо мақсади мавриди амал қарор додани фармони мазкур, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ чорабиниҳои фаҳмондадиҳиро бахри баланд бардоштани малакаи касбии аъзоёни комиссияҳои интихоботӣ, шарҳи мазмуну муҳтавои қонунҳои конститутсионӣ дар бораи интихобот, қонунҳо, дастурамалҳои интихоботӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шиносоӣ бо ҷараёни омодагиҳо ба ин чорабинии муҳими сиёсӣ, дуруст ба роҳ мондани фаъолияти комиссияҳои поёнии интихобот ва дигар масъалаҳо дар ин самт ба таври густурда роҳандозӣ намудааст. Мариди қайд аст, ки устодони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар рафти тайёрӣ ва баргузории ин маъракаи муҳимми сиёсӣ аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ ҳамчун коршинос ҷалб гардидаанд.

Вобаста ба ин, устодони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо дарки масъулияти баланд, ҷиҳати дар сатҳи олӣ баргузор гардидани ин чорабинии муҳимми сиёсӣ иштироки фаъол намуда, барои рушди босуботи мамлакат, таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ дар кишвар, пойдории сулҳ ва амнияти бардавом дар Ватани азизамон нақши назарраси худро мегузоранд.

Таҳияи
Бобоҷон НАИМОВ













# БО АЪЗОИ КОМИССИЯҲОИ ИНТИХОБОТӢ





















# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҲУҚУҚИ ИНТИХОБОТ



Саъдӣ ШАРИФЗОДА
ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Ҳуқуқи интихоботӣ масъалаи муҳимми назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ мебошад, зеро яке аз қадимтарин ниҳодҳои ҷомеаи башарӣ буда, унсурҳои он ҳанӯз дар ҷомеаи ибтидоӣ маълум буд. Масалан, дар Юнон ва Рими Қадим дар замони ҷумҳурият ниҳоди интихобот дар раванди таъсисёбии давлат нақшу мавқеи муҳим дошт. Дар замони муосир махсусан дар барқарор шудан ва интихоби шакли идоракунии ҷумҳурӣ ба ниҳоди муҳимми давлатӣ табдил ёфта яке аз нишонаҳои демократикунонии кишвар низ махсуб мeёбад. Аз ин рӯ, дар адабиёти муосири илмии ҳуқуқшиносӣ оид ба ин масъала таваҷҷӯҳи бештар зоҳир мегардад. Масалан, проф. В.В.Маклаков қайд мекунад, ки «интихобот» ин расмиёти таъсиси мақомоти давлатӣ ё ваколатдор намудани шахси мансабдор фаҳмида мешавад. Аммо метавон гуфт, ки мафҳуми ҳуқуқи интихоботиро ба ду маъно дарк намудан зарур аст. Ба маънои субъективӣ ва объективӣ.

Ба маънои субъективӣ ҳуқуқи интихоб кардан ва интихобшудани шаҳрвандон фаҳмида мешавад.

Ба маънои объективӣ бошад, ҳуқуқи интихобот ин падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки раванди интихоби номзадҳоро ба мақомоти намояндагӣ ва ба мансабҳои интихобӣ танзим менамоянд.

Дар асоси мафҳумҳои дар боло зикршуда мақсад ва хусусиятҳои ҳуқуқи интихоботиро дар чунин шакл пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Ҳуқуқи интихоботӣ падидаи мураккаби сиёсиву ҷамъиятӣ мебошад;

2. Ҳуқуқи интихоботӣ падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад, зеро аз ибтидо дар Конститутсияҳои Тоҷикистон, ки солҳои 1937, 1978 амал мекарданд ҷой махсусро доштанд ва имрӯз низ дар ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун падидаи алоҳида мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода мешавад.

3. Ҳуқуқи интихоботӣ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат аст, яъне ин муносибати муҳимми сиёсиро Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ», «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллӣ ва вакилони халқ», қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии зерқонунӣ танзим мекунанд.

4. Ҳуқуқи интихоботӣ раванди интихоби номзадҳоро ба мақомоти намояндагӣ ва ба мансабҳои интихобӣ танзим менамояд;

5. Ҳуқуқи интихоботӣ бо мақсади таъмини сулҳ, ваҳдати миллӣ, суботу ҳамдигарфаҳмӣ анҷом дода мешавад;

6. Ҳуқуқи интихоботӣ бо мақсади амалишавии ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон анҷом дода мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳуқуқи интихоботӣ агар падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ бошад, пас яке аз дастовардҳои бузург ва нодири ҶТ дар солҳои соҳибистиқлолии давлатӣ ин қабули Конститутсияи ҶТ махсуб меёбад. Ба ҳамагон маълум аст, ки Конститутсияи ҶТ бо дарназардошти ба эътибор гирифтани беҳтарин арзишҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои мутамаддини дунё, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии низоми ҳуқуқии кишварҳои пешрафта, таҷрибаи давлатдорӣ ва суннату одатҳои таърихии миллии тоҷикон таҳия ва қабул карда шуда, ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандро дар боб ва моддаҳои алоҳида ҷой намудааст. Яке аз ин ҳуқуқҳо, ҳуқуқҳои сиёсӣ мебошад, ки дар моддаҳои 6, 27,28,29,30 ва 31 – уми Конститутсияи ҶТ пешбинӣ шудааст. Мувофиқи моддаи 27-уми Конститутсия шаҳрванд ҳақ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Дар моддаи 6-уми Конститутсияи ҶТ халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилон амалӣ менамояд.

Хулас, моҳияти мавзӯи мазкур дар он ифода меёбад, ки ҳуқуқи интихоботӣ ин шакли усулҳо, ҳолатҳо ва кафолатҳои муқарраркардашудаи давлат аст, ки тавассути онҳо халқ дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок намуда, мақсаду мароми худро амалӣ карда ба ин васита дар идоракунии давлат саҳм мегузорад. Илова бар ин, интихобот, ташкил ва баргузории он нишонаи демокративу ҳуқуқбунёдии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад ва бо ҳамин тарз барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам оварда, бо мақсади таъмини сулҳ, ваҳдати миллӣ, суботу ҳамдигарфаҳмӣ анҷом дода мешавад. Ҳамчунин ҳуқуқ ба интихобот ва кафолати давлатии он яке аз роҳҳои боло бурдани обру ва эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ буда, кафили якпорчагии кишвар ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд мебошад ва боварӣ ба оянди дурахшони Тоҷикистон дар қалби ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ аз беҳтарин ва арзишмантарин комёбиҳои падидаи интихобот ба ҳисоб меравад.

# ОВОЗДИҲИИ ТАКРОРӢ ВА ИНТИХОБОТИ ТАКРОРӢ

Тибқи муқаррароти моддаи 1-и Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Моҳияти демократӣ будани Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё бавоситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Инчунин тибқи муқаррароти моддаи 27-и Конститутсия шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Ва ҳангоми расидан ба синну соли муқарраркардаи қонун ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро соҳиб мегардад.

Интихобот падидаи муҳимми ҷомеаи мутамаддин ба ҳисоб рафта, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар алоқамандӣ бо ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани ҳуқуқи субъективии шаҳрванд оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан ба вуҷуд меояд.

Яке аз институтҳои низоми интихоботӣ ин овоздиҳии такрорӣ ва интихоботи такрорӣ мебошад. Дар овоздиҳии такрорӣ номзаде интихобшуда ҳисоб меёбад, ки назар ба номзади дигар шумораи бештари овозҳои интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштироккардаро гирифтааст, ба шарте ки дар овоздиҳӣ бештар аз нисфи интихобкунандагони дар рӯйхат сабтшуда иштирок карда бошанд ва шумораи овозҳои ба номзад додашуда аз шумораи овозҳое, ки ба муқобили ӯ дода шудааст, зиёд бошанд.

Мутаносибан дар асоси моддаи 49 ва 46-и Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» ва «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» агар дар ҳавзаи интихоботӣ зиёда аз ду номзад ба вакилӣ пешбарӣ гардида, ҳеҷ кадоми онҳо интихоб нашуда бошад, комиссияи ҳавзавии интихоботӣ қарор қабул мекунад, ки оид ба ду номзаде, ки аз ҳама бештар овоз гирифтаанд, овоздиҳии такрорӣ баргузор намоянд. Комиссияи ҳавзавии интихоботӣ дар ин хусус ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) хабар дода, интихобкунандагони ҳавзаро огоҳ менамояд. Ва бояд зикр намуд, ки овоздиҳии такрорӣ дар ҳавзаи интихоботӣ дар давоми на дертар аз ду ҳафта доир мегардад ва ҳамон номзад вакил интихобшуда ҳисоб меёбад, ки дар овоздиҳии такрорӣ аз номзади дигар бештар овоз гирифта бошад.



Овоздиҳии такрорӣ бо риояи усулҳои асосии интихобот баргузор шуда, комиссияи участкавии интихобот ҳар вақт дар сурати дар овоздиҳӣ иштирок кардани ҳамаи интихобкунандагони дар рӯйхат сабтшуда, онро пеш аз хатмишуда эълон менамояд.

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ бояд дар хусуси зарурати бо ҳайати нави комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавӣ баргузор кардани интихобот қарор қабул намоянд. Овоздиҳӣ дар ҳамон қитъаҳои интихоботӣ мувофиқи рӯйхати интихобкунандагон, ки барои баргузории интихоботи асосӣ тартиб дода шудааст сурат мегирад.

Шахсе, ки номзадиаш дар давраи доир шудани интихоботи асосӣ ба қайд гирифта шудааст, наметавонад ҳангоми интихоботи такрорӣ дар ин ҳавза дубора ҳамчун номзад пешбарӣ карда шавад. Қонунҳои интихоботӣ муқаррар менамоянд, ки интихоботи такрорӣ камаш баъд аз ду моҳи интихоботи асосӣ доир мешавад. Он аз рӯи ҳамон усулу қоидаҳое баргузор мегардад, ки қонун муайян кардааст.



Исматулло НАДИРЗОДА
донишҷӯи соли 3

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар натиҷаи гузаронидани интихобот ва интихоботи такрорӣ изҳори иродаи халқ амалӣ гардида, тавассути он дурнамои минбаъдаи кишвари азизамон муайян карда мешавад. Аз ин хотир ҳамаи шаҳрвандонро зарур аст, ки бо дарки баланди масъулият дар интихоботи дарпешистода ширкат варзида, нисбат ба номзади барои худ муносиб ва арзанда овоз диҳанд ва роҳи кишвари азизамонро ба сӯи оянда боз ҳам дурахшонтар гардонанд.

# ДЕМОКРАТИЯ – ҲОКИМИЯТИ ХАЛҚ



Маъруфҷон ФАЙЗУЛЛОЕВ
донишҷӯи соли 3

Яке аз истилоҳои маъмул, ки ба таври васеъ имрӯзҳо дар илм ва амалияи давлатдорӣ истифода мегардад, ин мафҳуми демократия мебошад. Демократия калимаи юнонӣ буда (демос – халқ ва кратос – ҳокимият) шакли ҳокимияти ҷамъиятӣ ва давлат аст, ки ба эътирофи халқ чун сарчашмаи ҳокимият асос ёфтааст. Бори аввал дар таърихи афкори сиёсиву ҳуқуқӣ мафҳуми «демократия» аз тарафи Фукидид истифода шудааст ва то замони мо ин мафҳум ба сифати яке аз масъалаҳои муҳиму баҳсноки назариявӣ боқӣ мондааст. Баробари инкишофи таърихи афкори сиёсиву ҳуқуқӣ мафҳуми демократия дучори тафсирҳои мухталиф гаштааст. Масалан, дар асарҳои Протагор, Фукидид, Горгий, Тразимах тафсирҳои гуногуни мафҳуми демократия дучор мешавад. Афлотун ва Арасту бошанд, демократияро ҳамчун шакли нодурусти давлатдорӣ маънидод мекунанд.

Мафҳуми демократия дар илм ба якчанд маъно истифода мешавад: а) демократия чун шакли ҳокимият; б) демократия ҳамчун шакли ташкили рубиноӣ сиёсиву ҳуқуқии ҷамъият; в) меъёри баҳодиҳӣ ба сиёсати хориҷӣ ва таҳлили муносибатҳои миллӣ; г) шакли умумияти одамон; д) воситаи ифода кардани иродаи субъектони ҳокимият; е) ҳокимияти халқ; ё) шакли давлат; ж) мафҳуми ҷамъиятӣ-сиёсӣ; з) низоми сиёсӣ; и) ҷаҳонбинии сиёсӣ ва арзиши сиёсӣ ва ғайраҳо. Дар баробари ин, демократия нишонаҳои зеринро доро мебошад: а) моҳияти сиёӣ доштани он; б) интихобӣ будани мақоми давлатӣ; в) тобеъияти ақалият ба аксарият; г) мустаҳкамкунии конститутсионии баробарҳуқуқии шаҳрвандон ва ӯҳдадориҳои баробари онҳо дар назди ҷамъият; д) принсипи баробарӣ; е) озодиҳои мафкуравӣ, динӣ ва сиёсӣ. Демократия ба ду намуд ҷудо мешавад, яъне демократияи бевосита ва демократияи намояндагӣ. Демократияи бевосита ин иштироки маҷмӯи фардҳо – субъектони ҳокимият, ки иродаи хешро нисбат ба масоили муҳими ҳаётӣ сиёсӣ изҳор менамоянд (масалан, бо роҳи раъйпурсӣ, муҳокимаи бевоситаи лоиҳаи қонунҳо). Демократияи намояндагӣ ин қабули қарорҳо тавассути намояндагони ваколатдор (масалан, вакилони мардумӣ), ки аз ҷониби субъектони ҳокимият интихоб шудаанд, мебошад.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки демократия ин ҳокимияти халқ аст, чунки танҳо бо мавҷудияти ин низоми сиёсӣ шаҳрвандон метавонанд дар идоракунии ҳаёти сиёсии кишвари худ иштирок намуда, иродаи худро баҳри ободии мамлакат изҳор намоянд.

# ҚОНУННОМАИ СОСОНИЁН



Наргис ЁРОВА
донишҷӯи соли 3

Қонуннома Сосониён аз ҷумлаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқии миллати тоҷик маҳсуб ёфта, бо номҳои «Мотикони ҳазор додистон», китоби «Ҳазор қарорҳои судӣ» ва «Қонуни мадании Зардуштиён" маълуму машҳур мебошад. Бояд қайд намуд, ки сарчашмаи мазкур дар аҳди давлатдории Сосониён дар давраи ҳукмронии Хусрави II ҷониби Фарухмард писари Баҳром (591-628) гирд оварда шудааст. Роҷеъ бо замони таълифи сарчашмаи мазкур андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Гурӯҳе аз олимон замони навишта шудани онро ба асри XX ва гурӯҳи дигар ба соли 620-и мелодӣ марбут медонанд. Ба ақидаи мо низ таълифи ин сарчашма ба соли 620-и мелодӣ мувофиқтар меояд. Соли 1973 олими арманӣ Перихонян Анаит Георгиевна Қонуннома Сосониёнро ба забони русӣ интишор менамояд ва баъд ин васила муҳаққиқони русзабон аз он ошноӣ пайдо мекунанд. Мубад Рустами Шаҳзодӣ бошад соли 1949 матни Қонуннома Сосониёнро аз хати паҳлавӣ ба форсӣ баргардонидааст. Соли 2015 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода Абдураҳим Ғаффор онро аз форсӣ ба тоҷикӣ бармегардонад, ки дар инкишоф ва муаррифии таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик нақши боризро дорост.

Бояд гуфт, ки меъёрҳо ва бандҳои пароканда он, ки то замони мо расидааст аз 44 фасли китоб иборат буда, фасли 31-и он то замони мо нарасидааст, ва чанд фасли дигар нопурра боқӣ мондааст. Шумораи бандҳои ба мо расида дар маҷмӯъ 866-ро ташкил медиҳанд. Эҳтимол меравад, ки маҷмӯи меъёрҳои дар Мотикон омада дар маҷмӯъ ба ҳазор меъёр расидааст.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки сарчашмаи мазкур тамоми соҳаҳои ҳаёти он давраро дар бар мегирифт. Ҳангоми баррасии Қонуннома Сосониён ба ҳуқуқ ва озодиҳое метавон рӯ ба рӯ гардид, ки имрӯз аз ҷумлаи ҳуқуқҳои аввалиндараҷаи инсон маҳсуб меёбанд ва қисме аз он ҳоло ҳам ба сифати мушкилоти ҳалталаби ҷомеаи инсонӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд қарор гирифтаанд. Ба таври пурра ифроз намудани ин категорияи ҳуқуқу озодиҳои инсон айни ҳол аз имкон берун аст. Бо ин назардошт, ба таври мухтасар гурӯҳе аз ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро манзур менамоям:

### ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ШАХСӢ

Ҳуқуқҳои шахсӣ гурӯҳи махсуси ҳуқуқҳои инсон мебошанд. Категорияи ҳуқуқҳои шахсӣ ба ҳуқуқҳои насли якум мутааллиқ буда, дорои ҷунин хусусиятҳо мебошанд: онҳо табииянд, ҷудонопазиранд, ба ҳар кас аз лаҳзаи таваллуд тааллуқ доранд, аз шаҳрвандӣ вобаста нестанд, инфиродӣ, негативӣ ва мутлақанд. Қобилияти ҳуқуқдорӣ дар ин давра аз лаҳзаи таваллид пайдо шуда, бо фаро расидани марг қатъ мегардад. Қобилияти амалкунии пурраро тувоник меномиданд. Низоми ҳуқуқии ин давра субъектонро ба болиғон (пурнау) ва ноболиғон (апурнау) ҷудо мекарданд. Барандаи қобилияти амалкунии пурра танҳо сарварони оила, ки дар тобеияти парастории касе набуданд, махсуб мееёфтанд.

### БАРОБАРҲУҚУҚӢ НОВОБАСТА АЗ МИЛЛАТ ВА ДИН

Ҳуқуқҳои инсон худ арзишҳои волотаринанд. Дар ҳуқуқҳои инсон арзишҳои муҳимтарини умумиинсонӣ, ки онҳо ҳар қадоме сарфи назар аз ҷинс, миллат, нажод, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ ва асосҳои дигар истифода мешавад, ифода мегардад. Дар замони Сосониён Маздаясно дини расмии мамлакат ва миллати мо буд. Ардашер дар асоси ислоҳоти худ дини расмии давлати Сосониён ва мардуми Эронро Маздаясно муқаррар намуда Зардуштро пайғамбари он эълон намуд.

### ҲУҚУҚИ ОЗОДОНА БАСТАНИ АҚДИ НИКОҲ

Дар ҳудуди давлати Сосониён мазҳаби зардуштӣ оини расмӣ буд ва тибқи меъёрҳои дини зардуштӣ барпо кардани оила амали муқаддас ба ҳисоб мерафт. Мақсад аз издивоҷ таввлиди меросхӯри қонунӣ ва давомдиҳандаи кори падарон буд. Дар фасли 19 банди 3-и Қонуннома чунин омадааст: "Падар ҳақ надорад духтари худро ба издивоҷ бо марде маҷбур намояд". Шартҳои никоҳ иборат буд аз: 1) расидан ба синни балоғат аз 15 солагӣ; 2) пайрави мазҳаби зардушт будан; 3) ризоияти мард барои қабули васояти арусшаванда; 4) додани васоят ба шавҳаршаванда ва ғайра.

### ҲУҚУҚ БА ФАРЗАНДХОНӢ

Падидаи фарзандхонӣ аввалин маротиба дар ҳуқуқи зардуштӣ муқарраp гардидааст. Дар Қонуннома Сосониён ин падида инкишоф ёфта 3 шакли он муқаррар шудааст. Шакли аввали фарзандхониро гузариши комил ба оилаи нав меноманд, ки дар ин маврид шахси ба фарзанд қабулшуда ба оилаи нави худ ворид шуда, дар ин замина иртиботи ҳуқуқии ӯ ба оилаи пештарааш қатъ мегардад. Дар шакли дуюм бошад тартиби "фарзанди ту фарзанди ман" амал мекард. Фарзандхонд ба оилаи наваш ворид мешуд, вале алоқаи худро бо оилаи пешинааш қатъ намекард. Ин ду шакли фарзандхонӣ нисбати кӯдаки ноболиғ сурат мегирифт. Шакли сеюми фарзандхонӣ ба фарзанди қабул кардани шахси болиғ буд. Фарзандхонӣ бо ризоияти тарафайн сурат мегирифт.



### ҲУҚУҚ БА АДОЛАТИ СУДӢ

Адолати судӣ яке аз зуҳуроти муҳим ба асоси ба амал баровардани ҳокимияти судӣ ба шумор меравад. Дар фасли 40 банди 1 муқаррар гардидааст, ки доварон ҳангоми омӯзиши қазия бояд онро ҳаматарафа баррасӣ намоянд, ба далоил, шавоҳид ва ҳақоиқи он аҳаммияти махсус диҳанд. Махсусан ба масъалаҳое таваҷҷӯҳ намоянд, ки дар банди 2 дарҷ гардиданд, аз ҷумла: вақти содир намудани кирдор, лаҳзаҳои бездоштнамоии рӯҳия, тарзи посух додани гумонбар ва ғайра.

### ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ

Эҳтимолияти бегуноҳӣ яке аз арзишҳои муҳимми тамаддуни инсонӣ ба шумор рафта ҳанӯз дар замони Сосониён низ мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирифт. Дар фасли аввали банди 2-и он пешбинӣ мегардад, ки "агар шахс ба иродаву майли худ назди довар ҳозир гардад ва иқрор шавад, ки ман фалон касро куштам ва агар шоҳид гуфтаи ӯро такрор кунад, чунин шахсро метавон қотил каламдод намуд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқу озодиҳои зикргардида намуна аз ҳуқуқу озодиҳое маҳсуб меёбанд, ки дар Қонуннома Сосониён дарҷ гардидаанд. Дар он ҳуқуқҳои дигаре чун ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба ҳифзи моликияти шахсӣ, манъи шиканҷа, ҳуқуқ ба озодии дину мазҳаб, ҳуқуқи дастрасӣ ба мурофиаи судии одилона, ҳуқуқ ба тақсимоти молу мулк ва ғ. пешбинӣ гардидаанд.

# ИШТИРОКИ ЗАНОН ДАР ИНТИХОБОТ

Муносибатҳои интихоботӣ муносибатҳои ҷамъиятии сиёсию ҳуқуқии мураккаб буда, дар ҳар раванди ташкилу гузаронидани он иштироки амалии мақомоти ваколатдори давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, хусусан ҳизбҳои сиёсӣ, маҷлисҳои интихобкунандагони маҳалли истиқомат ва шаҳрвандро дар бар мегирад. Ҳуқуқи интихобот муносибатҳои интихоботиро дар ҳадди муайян танзим менамояд.

Имкониятҳои баробарии занон дар маъракаи интихоботӣ пеш аз ҳама бо чунин ҷанбаҳо ба монанди дастрасии иштирок дар интихобот барои занон номзадҳо ва имконият барои рақобати баробарҳуқуқ, аз он ҷумла маблағгузорӣ, дастрасии номзадҳо ба ВАО ва объективона инъикос намудани маърака, назорати ҷамъбасти натиҷаҳо ва ғайраҳо ба ҳисоб меравад.

Муносибатҳои ҷамъиятии интихобот яке аз муносибатҳои муҳимтарини ҳуқуқи сиёсӣ буда, бо муносибатҳои дигари ҷамъиятии сиёсӣ дар пайвастагӣ амал менкунад. Ин муносибатҳои интихоботи ҳамчун қисми таркибии демократия, нишондиҳанда, яъне зуҳуроти он мебошад. Демократия бидуни ҷараёни сиёсии интихоботи иҷронашаванда аст. Мувофиқи моддаи 1-уми Конститутсия, Тоҷикистон давлати демократӣ эълон шудааст ва ин моҳияти давлат асосан тавассути раъйпурсии умумихалқӣ ва интихоботи умумӣ зоҳир мегардад. Бинобар ин дар бобу моддаҳои дигари Конститутсия ҳуқуқи интихобот ва роҳҳои амалӣ намудани он муқаррар карда шудааст. Ҳуқуқи интихобот яке аз ҳуқуқҳои асосии сиёсии шаҳрвандон буда, субъекти муносибатҳои ҳуқуқии сиёсӣ будани шаҳрванд ва вазъи ҳуқуқии ӯро умуман пурра менамояд. Тавассути интихоботи умумӣ суҳибихтиёрии халқ равшан таҷассум меёбад.

Маъракаи интихобот ягона чорабинии сиёсиест, ки дар он ҳамаи қишрҳои ҷомеа, аҳолии маҳалҳо ва тамоми мамлакат мавзӯи гуфтугӯи ошкоро доранд. Дар раванди мубоҳисаҳо намояндагони ҳамаи қишрҳои ҷомеа иштирок карда метавонанд. Ва он яке аз роҳу воситаи ибрози ошкорои афкори ҷомеа мебошад. Сатҳи ошкоро ва кушоди ибрози назарҳо ба сифати маъракаи интихобот ба интихоботи корпуси вакилон ва мазмуну самаранокии фаъолияти худи мақомоти интихоботӣ таъсири калон дорад. Маҳз дар маъракаи интихоботи умумӣ шакли ҳуқуқӣ гирифтани ташкил ва фаъолияти мақомоти интихобии давлатӣ далели сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани халқ мебошад.

Бояд қайд кард, ки зери мафҳуми низоми интихобот ва ҳуқуқи интихобот на фақат воситаи асосии ташкили парлумон, балки интихоботи Президент, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мебошад. Конститутсияи ҶТ масъалаи низоми интихобот ва интихоботи Маҷлиси Олиро ба таври умумӣ танзим намуда, муқарар кардааст, ки «тартиби гузаронидани интихоботро қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо танзим менамояд».

Нақши занон дар иштироки корҳои давлатӣ-сиёсӣ дар ҶТ назаррас ба ҳисоб меравад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи ҳуқуқҳои интихоботии занон дар сатҳи конститутсионӣ меъёрҳоро дар бораи баробарҳуқуқии мардон ва занон дар соҳаи мазкур муқаррар кардааст.

Мутобиқи моддаҳои 8 ва 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо” системаи интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардону занон барои иштирок дар раванди сиёсӣ ҳуқуқҳои баробари интихобот ва кафолатҳои онҳоро таъмин менамояд”. Ҳангоми ташкили ҳайати комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, комиссияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, ҳавзавӣ ва участкавии интихоботӣ принсипи конститутсионии баробарии ҳуқуқ ва баробарии имкониятҳои мардон ва занон



**Дилрабо СУЛТОНОВА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании**

ба асос гирифта мешавад.

Ҳуқуқи интихоботии занон ба кафолати интихоботии онҳо асос шудааст. Системаи кафолатҳо аз воситаҳои сиёсӣ, ташкилӣ, моддӣ ва ҳуқуқӣ иборат мебошад, ки озодии интихоботро таъмин менамоянд. Ва бояд зикр намуд, ки ҳамаи ин кафолатҳо бо ҳам вобаста буда, якдигарро пурра менамоянд ва ҳамчун механизми ягона амал мекунанд.

# ДОНИШҶӮЁНИ АЪЛОХОНИ ФАКУЛЕТ

**Курси 1-уми ихтисоси 24010200-ҳуқуқшинос**
Назриев Абдуллоҷон
Азамзода Лутфиддин
Қосимова Нодира
Нурализода Бузургмеҳр
Нуруллозода Муҳаммад
Бобоева Баҳор
Турахонова Шукрона
Шамсиддинова Шукрона
Ғанизода Шаҳриябону
Шеров Аминҷон
Давлатмуродзода Фурқат
Содиқзода Шаҳноза
Ҳоҷиев Меҳроҷ

**Курси 1-уми ихтисоси 24010100-Ҳуқуқи байналхалқӣ**
Алиакбарзода Ганҷина
Саидов Шаҳбоз
Ғаниева Рухшона
Икромов Бежан
Каримова Дилноза
Неъматов Шарифҷон
Беҳбудов Комрон
Раҳимов Зоиршо

**Курси 1-уми ихтисоси 93010100-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ**
Шукуров Комрон
Комрони Умарали
Обидов Нурмуҳаммад

**Курси 1-уми ихтисоси 26010200-Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ**
Исматова Шукрона

**Курси 1-уми ихтисоси 93010200-Санҷиши судӣ**
Ғуломализода Шаҳром

**Курси 1-уми ихтисоси 24010217-Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ**
Иброҳимов Меҳроҷҷон

**Курси 2-юм, ихтисоси 24010200-ҳуқуқшинос**
Имомзода Нозанин
Раҳмон Фарангис
Ташрифов Шамил
Хуршедзода Шахиня
Абдураҳмонзода Нушофарин
Аламбибии Саидзод
Забиров Шоҳрух
Талбакзода Лутфулло
Обидов Ҳасан
Раҷабов Муҳаммад
Сафарзода Адиба
Тайфуров Шаҳром
Ёрмаҳмадзода Меҳрубон
Алиҷонова Суман
Лоиқҷони Алимаҳмад
Нурализода Авазхон
Рузиқизи Ғаффурзод
Шодиева Турсуной
Абдурашиди Абдумалик
Гулмуродов Фирдавс
Очилбоев Мадамин
Пулотова Меҳрангез
Раҷабова Фотима
Буриев Бузургмеҳр
Бобозода Амирҳамза
Қозихонова Дурахшон
Раҷабзода Бунёд
Саидов Олимҷон
Сафозода Сорбон
Тоирзода Шукрулло
Ҳотамзода Ҳусниддин
Абдуллоев Манучеҳр
Қосимова Мадина
Мирзоев Сорбон
Холова Шукрона
Салимшоҳи Алим
Мирзоев Ҳоҷибобо
Шарипов Сафаралӣ
Зокирова Фараҳноз
Рамзонаи Суҳробшои
Қодирзода Муҳаммадсолеҳ
Шомадов Бахтиёр

**Курси 2-юми ихтисоси 24010100-Ҳуқуқи байналхалқӣ**
Машрабзода Гулафзо
Иброҳимзода Нилуфар
Исозода Парвина
Мамадҷонова Манижа
Мирзохонзода Манзура
Насруллоева Нозанин
Раҳмонова Мавлуда
Шарипова Нурия
Раҳмонова Малоҳат

**Курси 2-юми ихтисоси 93010100-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ**
Ахмедова Тахмина
Бобоев Далер
Зиёев Муродҷон
Насриддинов Маъруф
Усмонова Сабрина
Эгамов Шаҳзодҷон
Хайлонов Давлат
Каландаров Ромиш

**Курси 2-юми ихтисоси 26010200-Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ**
Ҳаётуллозода Дилнавоз
Абдулҳаев Шоҳиддин
Бурҳонова Мавзуна
Одинаева Сеҳрангез
Саидаҳмадзода Билолиддин
Сафарова Мадина

**Курси 2-юми ихтисоси 24010302-Танзими ҳуқуқии молия ва қарз**
Абдуҷабори Абдукарим

**Курси 2-юми ихтисоси 24010217-Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ**
Ахмедов Саидали

**Курси 3-юм, ихтисоси 24010200-ҳуқуқшинос**
Сафарова Шабнам
Тағойназарова Рушана
Солиҳова Мадина
Ёрова Наргис
Баҳриддинова Маҳфилоро
Ғаниев Хайрулло
Камолов Мадином
Маманазарова Мадина
Мулоҷонова Фарзона
Саидов Сиёвуш
Саймудинзода Сайфидин
Ҳакимов Сомон
Чаманорои Илҳом
Абдураҳмонов Эраҷ
Ахмедова Хушнудабону
Ғуломов Ҳабибулло
Давлатзода Муҳаммадҷон
Қодирқулов Худойдод
Мирзозода Гулпарӣ
Мирова Муҳаддиса
Нурулозода Умедҷон
Пирова Гулафзо
Кабутов Раҳимҷон
Ризоева Шаҳбону
Салимов Исфандиёр
Олимов Сомон
Сафаров Дониёр
Иброҳимов Комрон
Одилзода Фирдавс
Боев Мадоро
Қодиров Саидакбар
Солеҳзода Манучеҳр
Абдуллозода Сино
Ёралиев Рамазон
Надирзода Исматулло
Сафаров Баҳром
Суҳробзода Ҷонона
Эшматов Фируз
Алтиева Садбарг
Сафаров Фирдавс
Садриддинзода Шаҳриёр

**Курси 3-юми ихтисоси 24010100-Ҳуқуқи байналхалқӣ**
Маҳсидинзода Айниддин
Саидов Фаридун
Аминова Васфиябону
Давлатзода Азиза
Маҳмадёрова Меҳрангез
Мухамедҷонов Маъруфҷон
Юнусҷони Ҳасан
Раҷабова Фарида
Саидова Фируза

**Курси 3-юми ихтисоси 93010100-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ**
Хушвахтов Комронҷон
Ҳамидов Сорбон
Шаҳрияи Расул
Шарифзода Ситора
Насриддинова Шаҳноза
Норов Дилшодҷон

**Курси 3-юми ихтисоси 26010200-Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ**
Маликзода Ашраф
Назарова Манзумабону
Шарифзода Собирҷон
Худойдодов Сиёвуш

**Курси 3-юми ихтисоси 24010302-Танзими ҳуқуқии молия ва қарз**
Маҳмадова Сайёҳат
Шаҳлои Қудрат

**Курси 4-ум, ихтисоси 24010200-ҳуқуқшинос**
Бобоев Умедҷон
Миралиев Некруз
Саидзода Собир
Шокирова Шодона
Иброҳимов Наимҷон
Муминов Маҳмадшариф
Рустамов Валихон
Сангов Зафарҷон
Ҳакимов Яқуб
Катахонова Лутфия
Рустамзода Шукрона
Буйдоқов Бурҳоналӣ
Шерзода Саидакбар
Мирзоева Сабоҳат
Табарова Саида
Ҷалолов Султоншо
Наҷмудинзода Омина
Халилова Майгуна
Фаррухзода Комрон
Шамсов Муҳаммад
Сафарзода Саидҷон
Сулейманова Дилрабо
Яҳёев Ҳасан
Асоева Фарзона
Муминов Шаҳром
Сироҷидинова Маҳинабону
Турсунзода Саибмаҳбуб
Меҳроби Саъдӣ

**Курси 4-уми ихтисоси 24010100-Ҳуқуқи байналхалқӣ**
Имомов Манучеҳр
Сафарбеки Холмурод
Ҷуразода Исмоил
Камолова Муҳайё
Қаландарова Гулрез
Садуллаева Сабрина
Ҳасанова Зуфунун

**Курси 4-уми ихтисоси 93010100-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ**
Сабури Кулобӣ
Шаропов Давлатманд

**Курси 4-уми ихтисоси 26010200-Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ**
Давлатова Фархунда
Давронов Илёс

**Курси 4-уми ихтисоси 93010200-Санҷиши судӣ**
Қодиров Суҳроб

**Курси 4-уми ихтисоси 24010217-Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ**
Тоҷидинов Маҳмароиб
Ҳафизов Шаҳзод

# ЗАРУРАТИ ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМҲО

**“То расму ойин ва маросимҳои милливу диннии худро ба як низоми муайян надарорем ва хароҷоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, ба қабули татбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарфи маблағҳои зиёд дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем”.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Анъана ва ҷашну маросимҳо ҳамчун омили муҳимми зуҳуроти иҷтимоӣ зарурат ба танзим дошта, мутобиқ ба талаботи замон бояд инкишоф ёбад. Вале солҳои қабл хангоми баргузории ҷашну маъракаҳо ва анъанаҳои мардумӣ бо харҷи зиёд ҷомеаро ташвишовар сохта, зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба миён гузошт. Чунки таклидкорӣ ва рақобати бемантиқ дар гузаронидани тӯйу маъракаҳо боиси харочотхо ва исрофкориҳои аз ҳад зиёд гардида, ба бори гарони зиндагӣ табдил ёфт. Масъала то чое расид, ки ғаму андӯҳи харочоти пас аз марги наздикон на танҳо ба ғами вазнин, балки мардумро дар асорати қарз мегузошт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъияти бавуҷудомадаро ҳамаҷониба дарк намуда, ба маврид таъкид карданд, ки: “Воқеан, қисме аз мардуми мо ба сабаби зоҳирпарастии беасос дар иҷрои маросимҳо ва маъракаороиҳо пойбанди таассубу хурофот гардида, ба амалҳое даст мезананд, ки дар ягон гӯшаи дигари олам ба назар намерасад”.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти роҳбарии Пешвои муаззами миллат барои таъмини зиндагии осудаи мардум тамоми чораҳоро андешида, бо аҳли зиё, уламои дин ва фаъолони кишвар машварат намуда, ба хулосае омаданд, ки роҳи ягонаи ҳарчи зудтар халос кардани мардум аз ин вазнинихои сохта ва харочотҳои зиёдатӣ қабули конун аст. Таҳлилҳои воқеӣ кишвари моро ба зарурати қабули қонуни махсус вобаста ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо водор намуда, ташкили мақомоти махсусеро дар ин самт масъалагузорӣ намуд.

Ҳамин тавр, бо ташаббуси Пешвои миллат ва дастгирии мардуми Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 июни соли 2007 қабул гардид. Қонуни мазкур барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоии мардум, паст кардани камбизоатӣ ва таъмини шароити арзандаи зиндагӣ барои ҳар як сокини кишвар буда, ибтидои таҳаввули афкор аст, ки дар озодшавии мардум аз хурофот, одатҳои нолозим ва анъанаҳои вазнин пойдевори хубе гузошт.



Нурмуҳаммад ЮНУСЗОДА
донишҷӯи соли 4





Максуда МУЗАФФАРЗОДА
студентка 1-го курса

# ЧЕЛОВЕК, ЕГО ПРАВА И СВОБОДЫ – ВЫСШАЯ ЦЕННОСТЬ

**...Запомни: все, что можно купить за деньги — уже дешево!**

**Григорий Горин.**

Все мы знаем, что ценности делятся на два типа: материальные и нравственные. Материальные ценности – это вещи, которые мы можем купить и похвастаться этим перед другими, будь это новое платье или же дорогие швейцарские часы. А нравственные ценности– это что-то, что нельзя описать словами: свобода, жизнь, права, справедливость или правда.

Лично я ценю второй тип ценностей. Самое ценное в моей жизни– сама жизнь: моя, родителей, близких, да и вообще жизнь человека. Многие не понимают цену жизни, тратя свое драгоценное время на безделье. Ведь не зря говорят, что человек начинает ценить что-то, когда стоит на грани его потери. Так и человек начинает понимать важность своей жизни уже в почти старческом возрасте и жалеет, что жил «неправильно».

Человеку не просто так дана жизнь, верно? Она дана для достижения какой-то цели. Например, улучшить общество и быть полезным для него, дать хорошее воспитание следующему поколению. Просто нужно найти свой смысл жизни, поставить цель и добиться ее, применив все силы, весь энтузиазм, потому что это того стоит.

Также нужно ценить права и свободы каждого человека, так как он с рождения защищен законом. Хотите спросить, почему я ценю права? Я, не задумываясь, отвечу, что права человека– это защита и опора для его достоинства и свободы. Есть крылатая латинская пословица: «Neminem laedit qui suo jure utitur». Она переводится следующим образом: «Никого не обижает тот, кто пользуется своим правом».

Самое главное право человека – это его право на жизнь. Но, по-моему мнению, он должен прожить ее достойно, чтобы его никто не обижал, не унижал морально или физически.

Еще личность имеет право на неприкосновенность имущества. Если добропорядочный гражданин своим трудом приобрел дом или машину, то ни один человек не может у него это отобрать.

Но права человека соблюдались не всегда. Давным-давно наши далекие предки жили в неравноправии: будь это разница прав между богатым и бедным или между мужчиной и женщиной. Они испытали много трудностей из-за дискриминации в отношении национальности, цвета кожи, разреза глаз и материального положения. А сейчас все, независимо от благополучия и внешних черт, равны перед законом.Конституция Республики Таджикистан является гарантом соблюдения наших прав, защиты чести, свободы и достоинства таджикистанцев.

Также нужно отметить неприкосновенность достоинства человека. В нашей Конституции указано, что никто не должен подвергаться пыткам, насилию, другому жестокому или унижающему человеческое достоинство обращению или наказанию.

Кроме того закон обеспечивает охрану здоровья,совести, семьи, свободу труда, получением каждым таджикистанцем обязательного бесплатного среднего образования. Каждого, кто нарушит права другого человека, ждет неминуемое наказание. Где начинаются права одного человека, там заканчивается свобода другого. В своих действиях или мыслях мы не должны нарушать границы личного пространства другого человека, его права, свободу, желания.

Несмотря на все это, люди забывают защищать свои права, терпят все издевательства и унижения со стороны. Они думают, что все решается с помощью денег, что ничтожны в борьбе против богатых людей, опускают руки и забиваются в угол. А на душе все тяжелее от самого факта, что их слова так и не были услышаны. С болью в сердце у них появляется недоверие к закону и окружающим, они не думают, что закон тоже не на их стороне. К большому сожалению, таких слабых людей очень много. Я думаю, что каждая личность, несмотря на все предстоящие трудности и барьеры, должна до самой финишной прямой бороться за свои права и справедливость. Если каждый будет защищать себя и свои интересы, в мире наступит справедливость.

Я могу уверенно сказать, что права и свободы человека – одна из самых главных и ценных вещей, что у него есть. Они обеспечивают яркое будущее и процветание не только одного гражданина, а целого государства.

Подумав еще, я заметила, что мои ценности тесно связаны друг с другом. Без прав человека мир станет несправедливым, а без справедливости цена жизни не стоит ни гроша. Я разделяю мнение великого философа Иммануила Канта, который сказал, что когда справедливость исчезает, то не остается ничего, что могло бы придать ценность жизни. Я считаю, что справедливость является одной из главных ценностей нашего мира.

По этим причинам, я могу уверенно сказать, что жизнь и права человека являются самым ценным, что он имеет.

**ТАЪЗИЯНОМА**

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» нобибар вафоти собиқ муаллими калони кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ

**ЕРЕМЕЕВА ФАРИДА**

Ба наздикону пайвандонаш изҳори тасаллият менамоянд.

# ОБ – АСОСИ ҲАСТӢ ВА ПОЙДОРИИ САЙЁРА



Нуроншоҳ РАҲМОНЗОДА
ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносӣ

**Бо ташаббусу пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби СММ соли байналмилалии «Оби тоза» эълон гардидани соли 2003 бесабаб набуд. Имрӯз сайёраи Заминро хатари тағйирёбии иқлим ва норасоии оби ошомиданӣ пеш омадааст.**

Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон гардидани солҳои 2018-2028 ҳам ташаббуси навбатии бевоситаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои сарвари оқил ва дурандешу ободиҳоҳи он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Оид ба маъно ва мафҳуми вожаи «об» дар фарҳангу луғатномаҳо маълумоти хеле муфиду фаровон оварда шудааст. Ба назари мо маънии нисбатан комил ва дурусти он дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (соли 2010) мушоҳида мешавад. Аз ҷумла дар фарҳанги мазкур вожаи «об» ба таври зайл маънидод шудааст: 1. моеи шаффофи беранг, ки дар ҳолати софӣ ва беолоишӣ аз омезиши химиявии як унсури оксиген ва ду унсури ҳидроген иборат аст; 2. дарё, рӯд; 3. сиришк, ашк; 4. мач. тароват, тозагӣ; равнақ; 5. обрӯ, эътибор, ҷоҳу манзалат; 6. тоб, тавон; 7. симоб, чева, зайбақ; 8. шарму ҳаё ва ғайра. Ба ин васф, мавзӯи «об» ва масъалаи омӯзиши он яке аз проблемаҳои хеле муҳимми илми муосир ҳисоб меёбад, зеро «об» ҳамчун унсури ҳастӣ, аз унсури чаҳоргонаи ҳастӣ муъҷизаи табиати босаховат буда, поку беолоиш нигоҳ доштани он вазифаи муқаддаси ҳар як инсони хирадманд ба ҳисоб меравад. Дуруст аст, ки зиёда аз 80 давлат аз норасоии оби тоза мушкил доранд. Бо ин васф Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 21 декабри соли 2016 дар ҳошияи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар Созмони Милали Муттаҳид қатъномае ба имзо расонид, ки мақсади асосии он ҷалб намудани диққати аҳли сайёра ба масъалаи софу покиза нигоҳ доштани оби тоза ва қадр кардани ин неъмати бебаҳои худодод равона гардидааст. Чунин иқдоми наҷибу саривақтӣ нуфузу эътибори сиёсию геополитикии кишвари азизамонро дар арсаи байналмилалӣ хеле баланд бардоштааст.

Воқеан Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои сарвату захираҳои зиёди оби ошомиданӣ буда, яке аз сарватҳои асосии он оби тоза ба шумор меравад. Оби софу покиза захираи бебаҳои хеле муқаддас буда, тамоми сайёраро пуртаровату шодобию зебоӣ ва сарсабзию хуррамӣ мебахшад. Об сабаби ҳастии ҳаёт дар сайёраи Замин (дар қатори се унсури дигар: хок, ҳаво, оташ) мебошад.

Мусаллам аст, ки норасоии оби тоза ба яке аз проблемаҳои мубрами глобалӣ мубаддал гардидааст. Мувофиқи андешаҳои мутахассисон то солҳои 2030-2035 мушкилоти қонеъ гардонидани талаботи аҳолии сайёра ба истеъмоли оби тоза нигаронихои зиёдеро ба бор меорад. Албатта, имрӯзҳо дар дунё зиёда аз якуним миллиард нафар одамон аз истеъмоли оби тозаи ошомиданӣ азият мекашанд. Бино бар ин, иқдоми саривақтии Пешвои миллат доир ба эълон гардидани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» иқдоми беназир буда, яке аз самтҳои асосии пешрафти иқтисодиёти кишвар ҳисоб меёбад. Имрӯз аз беэътиноии инсон ба об қисми зиёди аҳолии сайёра мубталои ҳар гуна бемориҳои сироятию вирусҳо гаштаанд. Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки дар он кишварҳое, ки мардум аз оби ошомиданӣ ва оби шустушӯии софу тоза душворӣ мекашанд ё ин ки нисбат ба об, ки ҳаёти мо ва буду боши мо ба он вобаста аст, ҳунукназарӣ намуда онро олуда карданду мекунанд, сабабгори мубтало гардиданашон ба бемориҳои сироятkунанда аз қабили вабо, тоун, зардпарвин, домана, варача ва монанди инҳо гардидааст.

Алалхусус аҳолии баъзе аз минтақаҳои китъаи Африқо мубталои чунин бемориҳо мебошанд. Чунин рафторҳои ношоиста қадру манзилат ва нуфузу эътибори инсониятро дар ҷомеа то андозае кам карда, шаъну шарафашро паст мегардонад.

Ба ин хотир, оид ба поку боназофат нигоҳ доштани об ва эҳтиром нисбат ба он ҳамчун яке аз аносири чаҳоргонаи ҳастӣ бузургони илму адаб ва шоирони классики мо хеле зиёд андеша рондаву пандҳои судманд арзонӣ доштаанд. Аз ҷумла донишманди бузург Асадии Тӯсӣ мефармояд:

**Зи ҷӯе, ки хӯрдӣ аз он оби пок,**
**Нашояд фикандан дар он сангу хок.**

Беҳурматӣ ба об, ки неъмати бебаҳои биҳиштист, бузургтарин гуноҳ ва ношукрӣ ба ин неъмати худодод аст. Агар ба неъматҳои худовандӣ шукр карда, онҳоро исроф накунем, ин ҳам ибодат ва ҳам шукргузорист. Аммо агар мо нисбат ба неъматҳои илоҳӣ, алалхусус ба об, беҳурматӣ зоҳир кунем, дар ин сурат куфрони неъмат мешавад ва он неъматро Худованд ба зудӣ аз мо мегирад ва оқибаташ хушкию қаҳтӣ ва марг аст ва ин ҳукми шаръӣ ҳам беҳуда нест, ки мефармояд:

**Шукр кун, то неъматат афзун шавад,**
**В-арна, он зуд аз кафат берун шавад.**

Хулоса, масъалаи об ва беҳдошту сарфа намудани он ҳамчун асоси ҳастӣ ва сарвати бебаҳои табиат бояд пешаи ҳар як фарди ҷомеа бошад. Сарфакории об пеш аз эҳтиёт вобаста ба ҳаёт аст. Гузашта аз ин, иқтидори энергетикии Тоҷикистон дар масъалаи истеҳсоли барқ пеш аз ҳама ба об ва захираҳои обии ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад.

Бино бар ин, муқаддасоти об ва ҳифзу сарфакории он бояд яке аз масъалаҳои муҳимми тамаддун ва худогоҳии миллӣ бошад.



# ҶАҲОНИШАВӢ ВА НАҚШИ ҲУҚУҚ ДАР РАВАНДИ ОН

Дар зери мафҳуми «ҷаҳонишавӣ» ин раванди тадриҷии бадалшавии фазои ҷаҳонӣ ба минтақаи ягонаест, ки дар он бе ягон мамоният сармояҳо, молҳо, хадамот ҳаракат мекунанд. Ин падидаи иҷтимоӣ барои инсоният ҳамчун як истилоҳи нав буда, дар охирҳои асри XX ба вуҷуд омад ва Тоҷикистон низ қабл аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба он шомил гардид. Омилҳои асосие, ки боис ба пайдошавии ҷаҳонишавӣ гардиданд, ин раванди инкишофи соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, баланд шудани маърифати илмии одамон, инкишофёбии техника ва технологияҳои навтарин, ба вуқуъ омадани масъалаҳои глобалии ҷаҳонро фаро гиранда аз қабили терроризм, экстримизм, амалҳои коррупсионӣ, нашъамандӣ, паҳн намудани яроқҳои ҳастаӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии кулли башар бисёр ҳам хатари ҷиддӣ меоваранд, мушкилоти экологӣ, норасоии мардум ба оби тозаи ошомиданӣ дар сайёра, бемориҳои марговар ва амсоли инҳо ҷаҳонро водор намуд фазои ягонаеро бунёд намояд.

Табиати ҷаҳонишавӣ ба умумияти ҳуқуқ ва арзишҳои ҳуқуқӣ мувофиқат мекунад. Мо агар ба табиати ҷаҳонишавӣ ва ҳуқуқ назар афканем ҳам ҷаҳонишавӣ рӯ ба умумигардонии масоил ва ҳалли якхелаи онҳо тақозо менамояду ҳам ҳуқуқ ба ягонагӣ ва умумият ҳамчун қоидаи рафтор дорад. Ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди ба манфиати давлатҳои абарқудрат мусоидаткунанда ва ё дар атрофи арзишҳои муайян муттаҳидшаванда акнун ба сарҳади давлатҳои миллӣ на бо зӯриву тавоноӣ ва на бо аслиҳа, балки бо амал ва мақсадҳои муайяни хайрхоҳона ворид мешавад. Бояд тазаккур намуд, ки яке аз амалҳои хайрхоҳонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳли башар ин қабул намудани Даҳсолаи байналмилалии «Амал об барои рушди устувор 2018-2028» мебошад. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 6 феврали соли 2018 барои мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ ба қонунгузории байналмилалӣ боз «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» тасдиқ гардидааст. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дигаргуниҳои бунёдии дар раванди ҷаҳонишавӣ ва бухрони молиявию иқтисодӣ ба вуқуъ омада, инчунин вусъат ёфтани ҳамкориҳои судманди Тоҷикистон бо дигар давлатҳо, иштироки фаъолонаи он дар созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, таъсиси субъектони муштараки хоҷагидорӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ, дастгирии байниҳамдигарии молиявию иқтисодии байни давлатҳо ба мутобиқгардонии



Фирдавс САФАРОВ
донишҷӯи соли 3

қонунгузории миллӣ ба талаботи нави рушду пешрафти ҷаҳони имрӯза баъд аз бухрони молиявию иқтисодӣ тақозо менамояд.

# МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ

**Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба сифати субъекти идоракунии давлатӣ дар ҶТ баромад мекунад. Гарчанде ба сохтори мақомоти ҳокимияти иҷроия дохил нагардад ҳам дар алоқамандии зич бо ин мақомот қарор дорад ва ваколатҳои алоҳидаи онҳоро низ ба амал мебарорад.**

Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро Конститутсияи ҶТ (м.78) ва Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз (5.08.2009.) ташкил медиҳад.

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дорои вазъи маъмурӣ - ҳуқуқӣ, конститутсионӣ - ҳуқуқӣ, молиявӣ - ҳуқуқӣ ва ғайра мебошад. Вазъи маъмурӣ - ҳуқуқии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз қонунгузории ҶТ дар бораи мақомоти маҳаллӣ бармеояд. Ба таври мушаххас, зери мафҳуми вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот маҷмӯи салоҳият, ваколат, масъулият ва кафолати фаъолияти он дар соҳаи идоракунии давлатӣ фаҳмида мешавад. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар амалӣ намудани идоракунии давлатӣ накши муҳим дорад ва бо мақомоти ҳокимияти иҷроия дар иртибот қарор дорад. Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» мақомоти ҳокимияти давлатиро водор месозад, ки дар ташкил, инкишоф ва фаъолияти самароноки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот шароити зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддӣ ва молиявӣ муҳайё намуда, барои амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба худидоракунии маҳаллӣ мусоидат намояд. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ метавонад татбиқи ваколатҳои алоҳидаи худро ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар асоси шартнома ва бо маблағгузории ин ваколатҳо вогузорад (м.6).



Беҳрӯз САФАРОВ
донишҷӯи соли 4

Ҳоло мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ваколатҳои зерини мақомоти ҳокимияти иҷроияро амалӣ менамояд: бақайдгирӣ ва аз қайдбарории шаҳрвандон; баҳисобгирии оилаҳои камбизоат ва ташкили дастгирии давлатии онҳо; сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ; мусоидат дар ташкили даъват ба хизмати ҳарбӣ ва дигар ваколатҳо.

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мувофиқан Ҷамоати шаҳрак ва Ҷамоати деҳот мебошад. Ҷамоат дар доираи фаъолияти худ қарор қабул мекунад, ки иҷрои он дар марзи шаҳрак ва деҳот ҳатмӣ мебошад. Санадҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот хусусияти меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ дошта дар идоракунии давлатӣ васеъ истифода мешаванд. Санадҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тибқи қонунгузории ҶТ ҳамчун санади ҳуқуқии маъмурӣ муқаррар гардидаанд ва бо қабули онҳо муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ дар сатҳи шаҳрак ва деҳот муайян, мустаҳкам ва танзим карда мешаванд.

Дар умум, гуфтан мумкин аст, ки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар амалӣ намудани ваколатҳои муқарраргардидаи қонунгузорӣ, ки мазмунан аз ваколатҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия бармеояд накши муҳим дорад ва амалан функсияҳои идоракунии давлатиро дар ин сатҳ амалӣ менамояд.

# ТАМОКУ – ЗИЁНБАХШИ САЛОМАТИИ ИНСОН

Пайдоиши одати тамокукашӣ ба он вобаста аст, ки никотини тамоку системаи марказии асабро кайфияти хуш мебахшад. Никотин моддаи ниҳоят заҳрнок буда, ҳангоми кӯшишҳои аввалини тамокукашӣ ҳодисаҳои нохуш, аз қабили дилбеҳузурӣ, чарх задани сар, қайкунӣ, ихтилоҷи гулӯ, сурхрӯда, ва меъда ва ҳаяҷонро, ки ба гарангӣ ва ҳатто ба беҳушшавӣ оварда мерасонад ба миён меоварад. Ин гуна ҳодисаҳо дар ҳар як одами тансиҳат рӯй медиҳад. Вақте ки организм ба никотин одат мекунад, таъсири форами тамокуро ҳис менамояд. Ин эҳсоси дуруғин ва фиребдиҳанда аст, зеро моддаҳои дуди тамоку барои саломатии инсон ниҳоят хатарнок мебошад. Тамокукашӣ ва таъсири никотин меъёри муътадили меҳнат ва истироҳати хонандагонро дар системаи марказии асаб, на танҳо вайрон мекунад, балки пайдо шудани хоҳиши сигоркашӣ ҳангоми машғулиятҳо метавонад диққати хонандаро пурра ба сигор банд намояд. Тамокукашӣ дараҷаи азхудкуниро паст ва ҳофизаро заиф мекунад. Таъсири якҷояи никотин, дуди заҳрноки тамоку ва оксиди карбон боиси дарди сар ва кайфияти нохуш мебошад, ки қобилияти кориро паст менамояд. Никотин қувваи ҷисмонӣ ва эҳсоси мушакҳоро суст гардонида, мувозинати ҳаракат, суръат ва хусусан тобовариро ба ҳолати бад гирифтор месозад. Истеъмоли тамоку дар шакли сигор ҳар сол дар тамоми мамлакатҳои дунё ҳазорҳо одамонро ба ҳалокат мерасонад. Мубориза бар зидди он яке аз вазифаҳои муҳимми замони муосир ба шумор меравад, ки ба он Ташкилоти умумиҷаҳонии нигоҳдории тандурустии назди Созмони Милали Муттаҳид назорат менамояд. Мардуми шарифи Тоҷикистон низ бо дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муборизаи зиддӣ тамокукашӣ саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд. Якумин маротиба қонун дар бораи кам гардонидани тамокукашӣ соли 2010 - ум қабул гардида буд, ки он қисман ҳуқуқҳои тамокукашҳоро дар бар мегирифт. Аз ҳамин сабаб роҳбари давлати мо аз ҷониби Ташкилоти умумиҷаҳонии нигоҳдории тандурустӣ бо медал сарфароз гардонида шуд, ки ин боиси ифтихори ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аст.



Исомиддинҷон МУҲАММАДНАЗАРЗОДА
донишҷӯи соли 4



# НАҚШИ ИНТИХОБОТ ДАР ПЕШРАФТИ ҶОМЕА

**Яке аз падидаҳои муҳим дар ҷомеаи муосир, ки боиси пешрафти давлату ҷомеа мегардад, ин интихобот ба ҳисоб меравад. Дастоварди арзишмандтарине, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳибистиқлол гардидани худ ба даст овардааст, ин Конститутсия маҳсуб меёбад. Конститутсия мусоидат ба он менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи эъмори ҷомеаи адолатпарварро касб намуда, баҳри шаҳрвандони хеш беҳтарин арзишҳоро муайн намуда, худро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эътироф намудааст. Аз ин рӯ амалӣ гардидани ҳокимият дар ин гуна давлат танҳо бо воситаи интихобот ва раъйпурсӣ амалӣ мегардад. Зеро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст.**



Исломҷон ЗИЁВАДДИНОВ
донишҷӯи соли 4




Яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд ин ҳуқуқу озодиҳои сиёсии ӯ ба ҳисоб меравад. Тибқи он шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳалли масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд (м.27 Конститутсия). Қобили зикр аст, ки мутобиқи м.9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, бо мақсади интихоб намудани вакилони худ ба мақомоти олии қонунгузор аз маъракаи муҳимми сиёсӣ, яъне интихобот истифода мебаранд. Зеро шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои субъективии худ босамарона истифода бурда, номзади арзандаи худро ба ин шохаи ҳокимият интихоб менамоянд. Чунки ҳама он қонунҳое, ки аз ҷониби ин ниҳоди олии қонунгузор қабул карда мешаванд, ҳама муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро ба пурраги танзим намуда, онҳо метавонанд манфиатҳои онҳоро сарфи назар намоянд. Бо мақсади роҳ надодан ба чунин саҳлангорӣ ва ноадолатӣ шаҳрвандон бояд ба номзадии арзандаи хеш раъйи худро диҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи таҳилилҳои интихоботҳои сипаригардида бозгӯйкунандаи онанд, ки мардуми шарифи тоҷик бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ дар ин маъракаҳои сиёсӣ иштирок менамоянд. Чунин иқдом ва амали онҳо падидаи нек мебошад, зеро ин ҳолат гувоҳи он аст, ки шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсии давлат бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ ва ифтихор аз давлату давлатдорӣ намуда, ҳатмӣ ва муҳим будани иштироки худро дар интихобот дарку эҳсос намуда, барои пешрафт ва шукуфоии Тоҷикистони беназир овози худро хоҳанд дод.

Бояд зикр намуд, ки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми декабри соли 2019 “Дар бораи таъин намудани интихоботи даъвати нави Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ”, санаи 1-уми марти соли 2020 ба имзо расид. Мардуми сарбаланди тоҷикро маъракаи муҳимми сиёсӣ интихоботи вакилони халқ дар пеш интизор аст. Бо мақсади дар сатҳи баланд доир гардидани ин маъракаи муҳим сатҳи маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон вобастагии калон дорад. Зеро дар интихобот мо ба хотири ояндаи дурахшони хеш ва фарзандони худ овоз медиҳем.

Замони муосир дар ҳолати ҷаҳонишавӣ қарор дорад ва хатарҳои ҷаҳони муосир рӯз аз рӯз зиёд гардида, пайомадҳои онро мо бо чашми сар шоҳид гардида истодаем. Имрӯз моро зарур аст, пеш аз ҳама зиракии сиёсиро аз даст надода, таҷрибаи талхи солҳои 90-уми қарни гузаштаи миллати тоҷик ва давлатҳои ҷаҳонро пеши рӯ биоварем, ки ин масъулияти мо ҷавононро дучанд намуда, моро водор менамояд, ки баҳри пешрафт ва шукуфоии Ватани азизамон Тоҷикистони беназир тамоми кӯшишу ғайрат ва донишу малакаи хешро равона созем ва нагузорем, ки ҳадафҳои нопоки бадхоҳони давлату миллати тоҷик амалӣ гарданд. Интихоботро ҳамчун василаи асосии пешрафти давлату миллат арзёбӣ намуда, онро бо нафъи имрӯзу фардои дурахшони Ватани азизамон истифода барем.

Аз ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ҳуқуқи интихоб намуданро доранд даъват ба амал меоварам, ки дар ин ҷорабинии сиёсӣ фаъолона иштирок намуда, баҳри пешрафт ва ояндаи неки давлату миллат овози худро диҳанд. Иштирок дар интихобот саҳм гузоштан ба ояндаи дурахшони Тоҷикистони азиз мебошад ва ин қарзии шаҳрвандии ҳар яки мост. Пас моро зарур аст, ки баҳри ояндаи дурахшони хеш дар ин маъракаи муҳимми сиёсӣ фаъолона иштирок намуда, ҳамаҷониба саҳми худро гузорем.

